*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №133-134 (2960-2961) | СЕШАНБЕ, 30 ОКТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Роҳҳо аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва тақдирсоз доранд

**Суханронӣ дар маросими оғози азнавсозии роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент**

*ш. Панҷакент, 27 октябри соли 2012*



**Дӯстони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳар боре ки ман ба назди шумо, ба водии Зарафшон, яке аз гӯшаҳои зебоманзар ва биҳиштосои Тоҷикистони азизамон сафар менамоям, аз дидани табиати нотакрору афсонавӣ ва мулоқот бо мардуми сарбаланд ва фарҳангдӯсту тамаддунофар як ҷаҳон таассурот мебардорам.

Ҳоло мову шумо дар соҳили дарёи Зарафшон, яке аз қадимтарин ва файзбахштарин дарёҳои минтақа қарор дорем.

Ҳазорсолаҳост, ки дар соҳили дарёи Зарафшон чун дар соҳили дарёҳои Сайҳуну Ҷайҳун ва Нилу Ганг тамаддунҳои бузурге ба вуҷуд меоянд ва бо навбат яке дигареро иваз менамоянд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар соҳили дарёи Зарафшон аввалин давлати миллии тоҷикон – давлати Сомониён ва «асри тиллоӣ»-и мардуми тоҷик арзи ҳастӣ намудааст.

Аз оби ҳаётбахши Зарафшон абармардоне чун Спитамен ва Деваштичи размовар, шоҳ Исмоили Сомонӣ, Одамушшуаро устод Рӯдакӣ, шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ва ҳазор андар ҳазор бузургворону алломагон ба авҷи камол расида, бо корнамоиҳояшон умри абад ёфтаанд.

Ин дарёи ҳаётбахш асрҳои бешуморест, ки аз яхистонҳои болооби минтақа сарчашма мегирад ва ҳазорсолаҳост, ки ин сарзамини паҳновар бо номи водии Зарафшон дар таърих шуҳрат дорад.

Суғд яке аз умдатарин марказҳои тамаддуни аҷдоди мо - тоҷикон буда, аввалин бор номи он дар Авесто сабт гардидааст.

Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари худ «Тоҷикон» ба санъати баланди суғдиён, махсусан ҳайкалтарошию наққошӣ баҳои ниҳоят баланд дода, онҳоро намунаи олии тамаддуни ҷаҳони он замон донистааст.

Достонҳои шифоҳии суғдиён дар бораи диловариҳои Рустам, Коваи оҳангар, Сиёвуш хеле машҳур буданд ва онҳо сипас дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ таҷассум ёфтаанд.

Таърихи пурифтихори суғдиён бисёр саҳифаҳои дурахшон ва ибратомӯзе дорад. Онҳо бо кишварҳои дуру наздик тиҷоратро хеле ривоҷ дода буданд.

Суғдиён кӯдакони худро аз синни панҷсолагӣ хатту савод меомӯхтанд, илмҳои гуногунро таълим медоданд ва баъди соҳибмаълумот гардидан онҳоро ба тиҷорат ва касбҳои дигар машғул медоштанд. Онҳо пеш аз он ки ба тиҷорат машғул шаванд, аввал илми тиҷоратро меомӯхтанд.

Таърихнигорон диловарию қаҳрамониҳои мардуми Суғдро бо шӯру шавқи беандоза васф кардаанд. Масалан, сайёҳи машҳури Чин Сию Сизан чунин менависад: «Сипоҳиёни суғдӣ басе далеранд ва ҳеҷ гоҳ аз марг наметарсанд. Ба ҳамлаи онҳо ягон душман тоб оварда наметавонад».

Намунаи олии чунин қаҳрамонӣ набарди бисёр шадиди Спитамен бар зидди лашкари тавонои Искандари Мақдунӣ ва муқовимати диловаронаи Деваштич ба муқобили лашкари ғаддор ва истилогари аҷнабиён буд.

Аз ҷавҳари хиради воло ва донишу маърифати баланди мардуми ин диёр даҳои устод Рӯдакӣ чун хуршед тулуъ кард.

Дар замоне ки аз бисёр мамлакатҳо ва шаҳрҳои бузурги замони мо ҳанӯз ному нишоне боқӣ набуд, ӯ ливои донишу хираду фарҳангро баланд афрошт ва на танҳо чун пешвои маънавӣ ва адабу фарҳанги халқи тоҷик, балки як минтақаи бузурги ҷаҳон эътироф гардид.

Дар таърих дида нашудааст, ки як шахс чун поягузори адабиёти чандин кишвар эътироф шуда бошад.

Аммо устод Рӯдакӣ ҳамчун асосгузори ҳақиқии адабу фарҳанги мардуми тоҷикзабони Осиёи Миёна, кишварҳои Эрон, Афғонистон, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, Покистон, Бангола эътирофи умум гардидааст.

Устод Рӯдакӣ воқеан парчамбардори худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва назми оламафрӯзи халқи тоҷик мебошад.

Ҷашни 1150-солагии ин нобиғаи беназир аз зодгоҳаш деҳаи Панҷрӯд то Созмони Милали Муттаҳид бо ширкати намояндагони 192 давлати ҷаҳон ба таври бошукӯҳ доир гардид.

Бо назардошти аҳамияти ҷаҳонии мақом ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ бо сарфи беш аз шаш миллион сомонӣ мақбараи устод мувофиқи тарҳи меъмории асри даҳ ва тақозои истиқлолу давлатдории миллӣ мавриди бозсозӣ қарор гирифт, ки воқеан сазовор ва ҷавобгӯйи номи баланди ӯст.

Дар давраи омодагӣ ба ҷашн дар шаҳри Панҷакент зиёда аз 30 иншооти хурду бузурги нав бунёд ёфтанд.

Ҳар боре ки ман ба Панҷрӯд сафар менамоям, аз суҳбат ва шеърхонии мӯйсафедони барнодилу бомаърифат ва мардуми фарҳангдӯсти он як ҷаҳон таассурот бармедорам ва гӯё аз забони онҳо садои Рӯдакиро мешунавам.

Пас аз устод Рӯдакӣ низ шӯълаи назм дар водии Зарафшони маърифатпарвар хомӯш нагардид ва даҳҳо шоирони маъруф ва соҳибдевон арзи ҳастӣ намуданд, ки дар миёни онҳо Нақибхон Туғрал мақоми хосае дорад. Устод Айнӣ ба истеъдод ва эҷодиёти ӯ баҳои баланд додааст.

Садои ашъори ӯ имрӯз на танҳо дар водии Зарафшон, балки дар саросари Тоҷикистон танинандоз аст.

Мову шумо хуб медонем, ки Нақибхон Туғрал аз ошёни баланд ва бегазанди назми тоҷику форс мебошад, ки меъмори забардасти он устод Рӯдакӣ буд ва то абад боқӣ хоҳад монд.

Дар замони мо низ фарзандони барӯманди водии Зарафшон шуҳрати адабиёту фарҳанги тоҷикро афзун намудаанд ва менамоянд.

Ин кохи ҷовидонии назми тоҷик, ки поягузораш устод Рӯдакист, ҳеҷ гоҳ халалдор нахоҳад гашт ва то ҷовидон пойдор хоҳад монд.

Хотирнишон кардан бамаврид аст, ки дар ноҳияи Панҷакент яке аз ёдгориҳои нодири Тоҷикистон - Саразми бостонӣ мавҷуд аст, ки таърихи панҷунимҳазорсола дорад ва бешак ба тамошогаҳи камназири меҳмонону сайёҳон табдил меёбад. Ба мероси фарҳангии ЮНЕСКО шомил гардидани ёдгории Саразм, бешубҳа, аз эътирофу қадрдонии мероси ниёгони мо дар масири тамаддуни башарӣ шаҳодат медиҳад.

**Дӯстони азиз!**

Мардуми кӯҳистони тоҷик асрҳои аср аз бероҳӣ азобу машаққати бепоёне мекашид ва бо фоҷиаҳои сангин рӯ ба рӯ мегашт.

**(Идома дар саҳ. 3)**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**30 октябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро тасдиқ шуд. Сипас, масъалаи нахустини рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»-ро раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х.Юсуфӣ ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуда, таври муфассал шарҳ доданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров доир ба масъалаи мавриди баррасӣ фикру мулоҳизот ва эроду пешниҳодҳояшонро баён доштанд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нукоти баёнгардида, аз рӯйи масъалаи мазкур қарор қабул карда, лоиҳаи қонуни номбурдаро барои такмил баргардонид.

Раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С.Раҷабов, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Азимов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» ва «Оид ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро шарҳ доданд.

Мутобиқи муқаррароти қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои номбурда, инчунин масъалаи дигари рӯзнома- «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба баррасии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои дигари рӯзнома- «Оид ба доир намудани муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон», «Дар бораи таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» таври алоҳида қарорҳо қабул намуд.

Мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Охунов масъалаҳои зерини рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории наздисарҳадӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани тасвири парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод карда, тавзеҳ дод.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур қарорҳо қабул карда, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Ҳамкориҳои байнипарламентӣ тавсеъа меёбанд

**Бисту панҷуми октябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров аъзои Давлатҳои доимии Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзишро, ки бо мақсади баргузории ҷаласаи навбатии комиссияи мазкур ба пойтахти кишвари мо ташриф оварданд, ба ҳузур пазируфт.**

Шукурҷон Зуҳуров ҳайати меҳмононро хайра мақдам гуфта, аз ҷумла изҳор дошт, ки масъалаҳое, ки комиссияи шумо машғул мешавад, ҷиҳати бунёди муносибати дӯстона, ҳусни тафоҳум, эҳтироми тарафайн ва ҳамзистии халқҳо асоси воқеӣ ба вуҷуд меоваранд.

Таърих борҳо собит намудааст, ки нақши фарҳанг ҷиҳати дифои арзишҳои волои башарӣ хеле бузург аст. Халқҳои моро таърихи муштарак, равобити илмӣ ва муносибатҳои оддии инсонӣ ба ҳам мепайванданд. Ассамблеяи Байнипарламентӣ ҳамчун омили суръатбахши ҳамаи ин муносибатҳо ба саъю талоши самимии шаҳрвандони мо ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафҳои наздикшавӣ мусоидат менамояд.

Танҳо барои мисол бояд зикр намуд, ки дар доираи чорабиниҳои ҷашнии ба 20-солагии таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бахшидашуда дар шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии мусиқӣ «Осмони Иттиҳод» ва Чемпионати нахустини Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил роҷеъ ба кӯҳнавардӣ баргузор гардид. Моро лозим аст, ки ҷиҳати тавсеъаи фазои ягонаи иттилоотӣ ва фарҳангӣ саъю талош намуда, барои амалӣ гаштани табодули барномаҳои фарҳангӣ ҷиҳати ба ҷавонон вогузоштани ин анъанаҳо ҳамкорӣ намоем.

Ҷиҳати амалӣ намудани чунин ҳадафҳо комиссияи шумо корҳои зиёдеро амалӣ менамояд. Дар тайи фаъолияти худ собит намуд, ки ҳамчун мақоми фаъоли Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил амал менамояд. Дар ҷаласаҳои комиссияи мазкур тақрибан 400 масъалаи ҳамкориҳо роҷеъ ба масоили фарҳангӣ, илмӣ, таҳсилотӣ ва иттилоотии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Илова бар он, дар барномаи ин комиссия конференсияҳои сершумор, фестивалҳои театрӣ ва мусиқӣ, ҳамоишҳои синамоӣ, озмунҳои эҷодӣ ва чорабиниҳои дигар, ки равобити эҷодии навро барқарор мекунанд ва таҳким мебахшанд, дар назар дошта шудаанд. Дар оянда, фикр мекунам, бо назардошти он ки чунин варзишгари маъруфи даврон Ирина Роднина узви комиссияи мазкур мебошад, ба масъалаи варзиш, хусусан рушди варзиши бачагон, баргузории спартакиадаҳои мактабӣ ва туризм бештар таваҷҷуҳ дода хоҳад шуд.

Дар маҷмуъ бо итминон метавон гуфт, ки ин комиссия ҷиҳати шаклгирии фазои умумии фарҳангиву иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, эҷоди механизми қонунгузорие, ки сиёсати мамлакатҳои ИДМ-ро дар соҳаи фарҳанг, иттилоот, туризм ба танзим медарорад, саҳми арзанда мегузорад.

Лозим ба ёдоварист, ки Парламенти мо дар фаъолияти қонунгузории худ пешниҳоду тавсияҳои Ассамблеяи Байнипарламентиро роҷеъ ба масоили фарҳанг, иттилоот, туризм, варзиш фаровон истифода мебарад. Хусусан дар фаъолияти худ мо аз қонунҳои намунавии ин Созмони байнипарламентӣ муассир истифода мебарем. Чунин ҳамкории зич ва ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ муфид аст, зеро ҳар қадар қонунҳои мо ба ҳам наздик бошанд, ҳамон қадар монеаҳои сунъӣ дар фаъолияти ҳамҷоя камтар мешаванд, ҳамон қадар ҳамкориҳои мо бештар таҳким меёбанд, ки ин барои фазои башардӯстии мо хеле муҳим аст.

Раиси Маҷлиси намояндагон дар бораи сохтор ва фаъолияти даъвати чоруми Маҷлиси намояндагон маълумоти мухтасар ироа намуда, ҳамчунин изҳор дошт, ки мо чунин мешуморем, иштироки вакилони мо дар фаъолияти Ассамблеяи Байнипарламентӣ, таҳияи қонунҳои намунавӣ, табодули фаъолияти қонунгузорӣ ба манфиатҳои тарафайн ҷавобгӯй буда, бо мусоидат ба эҷоди фазои ягонаи ҳуқуқии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамчун омили дӯстӣ ва наздикшавии халқҳову кишварҳо, хизмат менамояд.

Шукурҷон Зуҳуров дар бораи моҳияти башардӯстонаи Иди Қурбон, ки ҷаласаи комиссияи мазкур дар Душанбе, дар арафаи ин ид, баргузор мегардад, ба меҳмонон маълумоти мухтасар дод.

Раиси Маҷлиси намояндагон ба баргузории ҷаласаи комиссияи мазкур ва фаъолияти пурсамари ояндаи он барору комгорӣ хоста, ҳамчунин ба меҳмонон аз сафари Тоҷикистон бардошти хотироти некро таманно намуд.

Меҳмонон аз мулоқот бо Раиси Маҷлиси намояндагон, инчунин аз таҳияи шароити хуби корӣ ҷиҳати баргузории ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш дар шаҳри Душанбе изҳори миннатдорӣ намуданд.

***Мӯҳтарам ҲОТАМОВ, мудири Котиботи назди роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***





## Ба шарофати Роҳи бузурги Абрешим Тоҷикистон аз чаҳорчӯбаи маҳдуди ҷуғрофӣ мебарояд

**Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи нақби «Шаҳристон»**

*27 октябри соли 2012*

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони муҳтарам!**

Дар зарфи бист соли охир, аз замони соҳибистиқлол шудани Тоҷикистони азизамон, сарфи назар аз ҳама гирдоби ҳаводис ва шебу фарози ин давра, дар сарзамини мо рӯйдоду корнамоиҳое амалӣ гардиданд, ки барои садсолаҳо аҳамият доранд ва аз насли имрӯза барои ояндагони сипосгузор чун кохи бегазанд, чун нишонаи ватандӯстӣ, ҳимматбаландӣ ва дурандешии ҳамзамонони мо поянда мемонанд.

Яке аз чунин корномаҳои муҳташами даврон эҳёи Роҳи бузурги Абрешим, ки ҳанӯз дар аҳди давлатдории ниёкони сарбаланди мо - Сомониён ба авҷи аълои тараққиёт расида буд, вобаста ба талаботи асри бисту як, асри рушди босуръат ва ҳамгиройии кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Ин амри воҷиб аст, зеро дар шароити рушди кунунӣ, чунонки борҳо таъкид намудаам, пешрафти кишвар бидуни роҳҳои наву замонавии мошингард, роҳҳои оҳан ва фурудгоҳҳои байналмилалӣ, танзими шабакаҳои муҷаҳҳази коммуникатсионӣ ва алоқа имконнопазир аст.

Ба шарофати Роҳи бузурги Абрешим Тоҷикистон аз чаҳорчӯбаи маҳдуди ҷуғрофӣ мебарояд, вале мо ҳамчунин бояд донем, ки тавассути кишвари мо он ба роҳи кӯтоҳтарини байниқитъавии Осиё ва Аврупо табдил меёбад ва ба густариши робитаҳои ҳамаҷониба миёни давлатҳои минтақа ва ҷаҳон мусоидат менамояд.

Дар ниҳояти кор ба шарофати роҳҳои навбунёд Тоҷикистон ба истиқлолияти коммуникатсионӣ муваффақ гардида, аз вобастагии иқтисодию молиявӣ озод ва ба мамлакати воҳиди воқеан соҳибистиқлол мубаддал мешавад, ки орзуи ҳазорсолаи миллати куҳанбунёди мост.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Иди Қурбон

*25 октябри соли 2012*



**Ҳамватанони азиз!**

Фардо, бисту шашуми октябр Иди Қурбон, ки яке аз суннатҳои волою арзишманди мусулмонон мебошад, фаро мерасад. Ба ин муносибат ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям.

Чун ба таърихи беш аз ҳазорсолаи ин Иди муборак назар андозем, мебинем, ки асли он бар пояи андешаҳои инсондӯстӣ ва шафқату тараҳҳум бунёд гардидааст.

Мусулмонон бо арҷгузории Иди шарифи Қурбон ба даргоҳи Илоҳӣ тақарруб меҷӯянд ва рӯҳи гузаштагони худро бо дуову дуруд ёд мекунанд.

Дар баробари ин, талқини арзишҳои инсондӯстиву инсонпарварӣ, дастгирии ятимону маъюбон, беморону пиронсолон, аёдати хешу ақрабо, поси хотири гузаштагон, изҳори ҳамдардӣ ба азодорон ва хайру саховат ба дармондагону эҳтиёҷмандон аз сифатҳои беҳтарини мусулмонон дар ин рӯз мебошад, ки ин ҳама ба таҳкими меҳру муҳаббат ва рафоқат дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа боис мегарданд.

Худованди меҳрубон Иди Қурбонро барои мусулмонон рӯзи имтиҳону озмоиш қарор додааст, ки инсон саҳифаҳои сарнавишти худро варақгардон намуда, аъмоли хешро дар мизони адлу инсоф бармекашад. Ва муҳимтар аз ҳама арзишҳои баланди мактаби одамият ва ғояҳои олии фарҳанги умумиинсониро ба мардум таблиғу ташвиқ менамояд.

Яке аз фазилатҳои нек ва писандидаи ин Иди муборак дароз кардани дасти шафқат ба сӯйи мардуми камбизоат, пирони барҷомонда ва ятимону дармондагон мебошад.

Дар кишвари мо дастгирии моддии ниёзмандон аз ҷониби муассисаҳои давлативу ғайридавлатӣ ва шахсони саховатпешаву ҳимматбаланд ба ҳукми анъанаи нек даромадааст.

Дар ин раванд тоҷирону соҳибкорон низ бояд бетараф набуда, ҷиҳати муътадилии нархи наво дар бозорҳои кишвар, бахусус дар арафаи идҳои миллӣ, аз рӯйи адлу инсоф ва виҷдону имони инсонӣ саҳмгузорӣ намоянд.

Фазилати дигари Иди Қурбон риёзати рӯҳонӣ мебошад, ки тавассути ахлоқи ҳамида, ҳидояти илмӣ ва маънавӣ сурат мегирад.

Бузургони илму адаби мо дар ин бора фармудаанд, ки илму донишро биёмӯзед, зеро талаби илму дониш бар банда фарз ва назди Худованд ибодат мебошад. Омӯзонидани илму дониш садақа аст, худро ба илм бахшидан ин қаробат ба Худованд аст, зеро илму маърифат маҳаки фарққунандаи ҳалолу ҳаром мебошанд. Омӯзиши илм роҳи ҷаннат аст.

Илм аниси шахс дар танҳоӣ ва дӯсти инсон дар ғарибист, барои ташхиси хубиҳову бадиҳо далел аст. Илм аслиҳаест алайҳи душманон, зинатест назди дӯстон.

Худованд қавмҳоро тавассути он баландмақом мегардонад ва эшонро ҳодию раҳнамо барои дигарон қарор медиҳад. Ҳама ба олимон пайравӣ ва афкори онҳоро пазиройӣ мекунанд.

Илм дилро аз ҷаҳолат озод менамояд ва ба чашм дар торикиву зулмот равшанӣ мебахшад. Бо илм банда ҳамеша ба олитарин мартабаҳо мерасад ва дар мақоми беҳтаринҳо қарор мегирад.

Тафаккур кардан дар илм баробари рӯза доштан, омӯзиши он баробари намози шаб аст. Илм пешвои амал аст ва амал аз паси он меравад, соҳибони илм саодатмандонанд.

Бинобар ин, насли имрӯзаи кишвари моро зарур аст, ки бо истифода аз имкониятҳои мусоиде, ки Давлату Ҳукумат барои онҳо муҳайё намудааст, дар самти илму ҳунаромӯзӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани обрӯй ва нуфузи кишвари соҳибистиқлоламон дар арсаи байналмилалӣ беш аз пеш саъю талош намоянд.

Дар таълимоти исломӣ низ таълиму тарбия дар мақоми нахуст қарор дорад ва пешрафту шукуфоии ҳар як миллату давлат аз омӯзишу парвариши солим ва дурусти фарзандон сарчашма мегирад.

Маҳз ба ин хотир мо ду сол қабл Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул кардем, то ин ки волидайн қарз ва рисолати шаҳрвандиашонро дар назди фарзандони худ иҷро намуда, масъулияти комили таълиму тарбияи фарзандонро ба ҷой оранд.

Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар баробари Давлату Ҳукумат масъулият доранд ва дар ин роҳ вазифаи хешро бояд иҷро намоянд.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ояндаи давлати мо наврасону ҷавонон ҳастанд. Биноан мо мехоҳем, ки ҷавонону наврасони кишварамон бо рафтору гуфтору пиндори неки хеш намунаи ибрат бошанд, ҳамчун ашхоси хушахлоқу нексиришт ба камол расанд, соҳибилму соҳибкасб гарданд, барои рушду пешрафт ва ҳимояи манфиатҳои Ватани азизамон – Тоҷикистон саъю талош варзанд.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб, бори дигар дар остонаи Иди Қурбон ба зиёиён, шахсони обрӯманду номдори диёр, падару модарон ва ходимони дин муроҷиат менамоям, ки дар роҳи таълиму тарбияи фарзандони солиму некбахт бо такя ба арзишҳо ва ғояҳои олии умумибашарӣ кӯшиш намоянд.

Ҳадафи асосии давлат тарбияи наврасону ҷавонони соҳибилму соҳибҳунар, донандаи техникаву технологияи муосир ва мутахассисону кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи рӯз мебошад.

Бояд гуфт, ки аз замони қадим то ба имрӯз мардуми тоҷик пайрави мазҳаби ҳанафии дини ислом буда, бо афкори созанда, ҳамзистии мусолиматомез ва ҳамсоягии неку солим дар сарзамини аҷдодии худ кору зиндагӣ доранд, зеро таълимоти ислом аз нигоҳи пири тариқати мо Имоми Аъзам хеле воқеъбинона ва зарифона матраҳ гардидааст.

Вале, баробар ба ин, дар шароити кунунӣ доираҳои муайяни сиёсӣ ва байналмилалӣ, алалхусус фирқаву тоифаҳои динии аз лиҳози фарҳангӣ ба суннатҳои таърихӣ ва арзишҳои воқеии миллатҳои исломӣ бегона, таҳти шиорҳои муқаддаси дини мубини ислом вазъияти умумии олами исломиро нооором сохта, дурнамои тараққиёти онро бисёр ташвишовар намуда истодаанд.

Бо назардошти ин, ҷомеаи мо, бахусус насли ҷавону ояндасози миллатро, зарур аст, ки дар баробари шукргузорӣ аз фазои сулҳу оштӣ, инчунин зиракии сиёсиро аз даст надода, барои таҳкими боз ҳам бештари Ваҳдати миллӣ ва ҳамдиливу ягонагии комили мардум беш аз пеш кӯшиш намоянд.

Шоёни тазаккур аст, ки ҳар як фард ва ҳар як қавму миллат дар шинохти каломи азалии Қуръон ва суннати ваҳёнии Паёмбар (с), эътиқод ва пайравӣ ба аркони имон ва ибодати дини мубини ислом озод буда, дар ин бобат назария ва андешаҳои фитнаангезро қобили қабул намеҳисобад.

Қуръони Карим ба ин хотир, аз як сӯй дар заминаи қадрношиносӣ ба неъматҳои олии Худованд ва интихоби роҳи кинаву ҳасудварзӣ, худхоҳиву худпарастӣ ва ҳурматшиканӣ, ҳикмати пушаймонӣ ва надомат аз бародаркушӣ ва аз сӯйи дигар, баргузидани роҳи парҳезгориву ҳидоятҷӯйӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳурматгузории асли бародарии умумиинсонӣ, ба тамоми инсоният дарси бузурги маънавӣ медиҳад.

Бинобар ин, бар тамоми афроди худогоҳи миллати тоҷик худшиносии дурусти арзишҳои олии инсонӣ ва ҳурмату арҷгузории онҳо фарз аст.

Гирд омадани мардуми Тоҷикистон дар атрофи дастархони маънавии Иди муборики Қурбон ва сабақҳои парҳезгорӣ аз худнамойӣ ва худпарастӣ, риёкорӣ ва зоҳирпарастӣ, кинаварзӣ ва душмансозӣ ба хотири ҳидояти солими ҷомеа, хосатан насли ҷавон, омили муҳими эҳёи суннатҳои инсондӯстӣ ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Дини ислом ҳамеша ҳомии сулҳу субот ва осоишу оромиши на танҳо мардуми мусулмон, балки ҷомеаи башарӣ буда, пайваста дӯстиву рафоқат, бародариву баробарӣ, адлу инсоф, раҳму шафқат ва одамияту инсонпарвариро талқин мекунад.

Бояд ба озодӣ ва баробарии ҳамаи халқу миллатҳо, бахусус озодии ҳамаи динҳо эҳтиром гузошта шавад. Дар ин сурат мо метавонем ҳамзистии мусолиматомез ва равобити ҳасанаи аҳли башарро таъмин намоем.

Даъват ба ҳамзистии осоишта ва ҳамдигарфаҳмӣ яке аз фазилатҳои Иди мубораки Қурбон мебошад, зеро мусулмонон аз гӯшаҳои гуногуни олам ба Маккатуллоҳ омада, бо ҳам дӯстиву рафоқат барқарор ва табодули афкор менамоянд, аз мушкилоту дастовардҳои ҳамдигар огоҳ мешаванд ва фарзиёти маънавию маросими Ҳаҷро иҷро мекунанд.

Имрӯзҳо беш аз шашу ним ҳазор нафар ҳамватанони мо ба зиёрати Хонаи Худо мушарраф гашта, фаризаи ҳаҷро адо менамоянд.

Бешак, ҳоҷиён пас аз бозгашт аз маносики ҳаҷ ба Ватан ба корҳои хайру писандида, аз ҷумла ба роҳи рост ҳидоят намудани ҷавонон, тарғиби ахлоқи неку ҳамида баҳри ободиву шукуфоии кишварамон машғул мешаванд.

Бори дигар ҳамаи шуморо бо фарорасии Иди мубораки Қурбон табрику таҳният гуфта, бароятон тандурустӣ, сарбаландӣ, саодати рӯзгор ва хушбахтиву шодмонӣ орзумандам.

**Ид муборак, ҳамватанони азиз!**

# Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди мулоқот бо Президенти Финландия Нийнистё Саули

*24 октябри соли 2012*

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама мехостам, ки қаноатмандиамонро аз натиҷаи гуфтушуниду мулоқотҳои навакак анҷомёфта, ки дар вазъияти барои муносибатҳои Тоҷикистону Финландия хоси амалию ҳамфикрӣ баргузор шуданд, баён намоям. Мо онҳоро чун идомаи муколамаи эҷодкоронаи байни кишварҳоямон дар сатҳи олимақом арзёбӣ мекунем.

Мо бо ҷаноби Президенти Финландия вазъи ҳозираи муносибатҳо ва самтҳои ояндаи имконпазири мушаххасгардонии ҳамкории ду давлатро муҳокима намудем. Мо ҳамчунин имкон доштем, ки аз рӯйи масоили мубрами ҳаёти байналмилалӣ, ки диққати тарафайнро ба худ ҷалб мекунанд, табодули афкор намоем. Мо қайд намудем, ки Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои аъзои онро шарикони муҳими байналмилалии худ мешуморад.

Дар робита бо ин, мо таваҷҷуҳи хосаи худро ба рушди ҳамкорӣ бо Финландияи дӯст, ки дар умури иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Аврупо мақоми муҳимро касб мекунад, иброз доштем. Ҳамзамон зикр шуд, ки дар муносибатҳои Тоҷикистону Финландия неруи зиёди истифоданашуда мавҷуд аст.

Ҷониби Тоҷикистон аҳамияти ба марҳилаи ташаккули фаъолона ворид шудани муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Финландияро қайд карда, ба ҷонибдории истифодаи пурраи ин неру изҳори ақида намуд.

Мо дар мавриди манфиатамон дар амри бо амалияи мушаххас пурра гардонидани ҳамкориамон дар соҳаҳои асосӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт сухан рондем. Чунин соҳаҳо, аз қабили гидроэнергетика, полиграфия, саноати сабук, хӯрокворӣ, коркард ва истихроҷи маъдан, бахши кишоварзӣ, сайёҳиро чун самтҳои ояндадор маънидод кардем.

Бо назардошти имконият, мо ҳамчунин изҳор намудем, ки ҷонибдори афзун намудани ҳаҷми муомилоти мол, ҷалби сармояю технологияҳои Финландия барои роҳандозии ҳамкории зичтар ҷиҳати истихроҷи захираҳои ғании минералиамон мебошем.

Зикр шуд, ки ҷониби Тоҷикистон мехоҳад ҳамкориро бо Финландия дар бахши фарҳангию гуманитарӣ густариш диҳад.

Мо дар қиёси сиёсӣ бахри идома бахшидани ҳамкории амалии кишварҳоямон ба манзури пайдо намудани роҳҳои ҳалли масоили мубрами минтақавию байналмилалӣ изҳори ақида намудем.

Ба масъалаҳои таъмини амният ва пурзӯр намудани муборизаи зидди хавфу хатари имрӯза таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Мо ҳангоми баррасии масъалаи ҳамкории минтақавӣ дар атрофи вазъияти Афғонистон мубодилаи афкор намудем, ки он як ё наздик будани мавқеъҳоямонро дар масъалаҳои муҳимтарин ва тамоюлҳои рушди ҷаҳони имрӯза нишон доданд.

Дар робита бо ин, мо қайд намудем, ки вазъияти ҳозираи Афғонистон давом додани танзими амалии саъю кӯшишҳои давлатҳои минтақа ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонро ба манзури истиқрори сулҳ ва таҳкими суботи ин кишвар тақозо мекунад. Аҳамияти дидани чораҳои амалӣ барои эҳёи иқтисодиёти кишвар зикр гардид.

Дар ин замина изҳор доштем, ки ба давом ёфтани рушду густариши ҳамкории амалӣ дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва универсалӣ, аз ҷумла СММ ва САҲА, манфиатдорем.

Ҷонибҳо саъю кӯшиши мутақобиларо баҳри рушди робитаҳояшон иброз дошта, қайд намуданд, ки ҳамкориро дар масъалаҳои татбиқи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳким бахшиданианд.

Мо дар ҳошияи ин ҳамчунин аҳамияти ба мавқеи иҷро расидани Созишномаи мушорикату ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Аврупоро зикр намудем. Ҷониби Тоҷикистон изҳор намуд, ки хоҳони иштироки фаъолонатари Финландия дар татбиқи ин санад мебошад.

Ман ба манзури давом додани муколамаи судманди байни ду кишвар ҳамтоям, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Финландияро, даъват намудам, ки дар вақти бароящ қулай ба кишвари мо ташриф орад.

Дар хотима мехостам миннатдории самимонаамонро ба ҷониби Финландия барои эҳдои шарафи меҳмони азизи сарзамини зебои Суоми буданамон, барои зуҳуроти меҳмоннавозию меҳрубонӣ иброз дорам.

*www.prezident.tj*

# Идомаи гузориш аз сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Финландия

**Нимаи дуюми рӯзи 24 октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Парлумони Финландия Ээро Ҳейнялуома мулоқот намуд.**

Дар вохӯрӣ масоили вобаста ба таҳкими заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкорӣ ва густариши робитаҳои байнипарлумонии ду кишвар баррасӣ шуд. Таъкид гардид, ки омӯзиши таҷрибаи ғании парламентаризми Финландия ва татбиқи амалии дастовардҳои ибратбахши он дар Тоҷикистон амри судманд хоҳад буд.

Ҳар ду ҷониб изҳор доштанд, ки барои барпо намудани робитаи доимии судбахш аз ҳисоби вакилони мардумӣ гурӯҳи дӯстии парлумонии Тоҷикистону Финландия таъсис медиҳанд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба таҳкими робитаҳо бо парлумони Иттиҳоди Аврупо ва муассисаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо сурат гирифт.

***

**Худи ҳамон рӯз дар шаҳри Ҳелсинки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо Ваколатдори парлумонии Финландия оид ба ҳуқуқи инсон Петри Яаскелайнен суҳбат орост.**

Эмомалӣ Раҳмон доир ба фаъолияти институти ваколатдори Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон иттилоъ дода, аз ҷумла зикр намуд, ки тайи собиқаи кӯтоҳи он, яъне аз соли 2009 ба ин сӯй, барои кори пурсамари ин муассиса заминаи зарурии ҳуқуқӣ муҳайё гардидааст.

Таъкид гардид, ки таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз самтҳои афзали ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аст.

Хотиррасон карда шуд, ки имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 2350 созмони ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ, зиёда аз 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ, аз ҷумла 74 иттиҳодияи ғайриисломӣ, 8 ҳизби сиёсӣ, 400 рӯзномаю маҷалла (250-тоаш хусусӣ) ва 44 шабакаи радиотелевизионӣ, ки 28-тоаш ғайриҳукуматӣ аст, озодона фаъолият мекунанд.

Аз ҳамкории босамар дар чаҳорчӯби барномаи 30-моҳаи Вазорати корҳои хориҷии Финландия – «Баробарӣ дар назди қонун: дастрасӣ ба адолати судӣ дар Осиёи Марказӣ» ва дигар робитаҳои ду кишвар дар ин самт изҳори қаноатмандӣ шуд.

***

**Субҳи рӯзи 25 октябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳелсинки бо Сарвазири Ҷумҳурии Финландия Катайнен Юрки мулоқот намуд.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз мулоқоту музокироте, ки рӯзи 24 октябр бо Президент, Раиси Парлумон ва Ваколатдори парлумонии Финландия оид ба ҳуқуқи инсон анҷом дод, изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид дошт, ки ҳамкории судманди ду кишвар дар самтҳои афзали муайяншуда бояд густариш ёбад.

Сарвазири Финландия Катайнен Юрки, бо назардошти мавқеи калидии ҷуғрофии Тоҷикистон дар минтақаи худ ва имконоти фарохи рушди ҳамкорӣ миёни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, таъкид дошт, ки Финландия ва ширкатҳои сершумори он ба иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои судбахши иқтисодию тиҷоратӣ ва инфрасохторӣ дар масири Шоҳроҳи бузурги Абрешим ҳавасманд аст.

Таъкид гардид, ки рушди ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дар ин минтақа ба эҳёи иқтисодиёту иҷтимоиёт ва бозсозии ҳаёти осоишта дар Афғонистон ва ҳам таҳкими амнияту суботи минтақавию ҷаҳонӣ мусоидат карда, ба манфиати ҳамагон аст.

***

**Бисту панҷуми октябри соли 2012 Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ба Хадамоти геологии Финландия ташриф оварда, бо таъриху таҷрибаи ғанӣ ва дастовардҳои илмию амалии он шинос шуд.**

Зимни суҳбатҳои созанда таъкид гардид, ки бо назардошти захираҳои фаровони маъданҳои кӯҳӣ ва дигар канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон Финландия метавонад бо он ҳамкории пурсамар ба нафъи ҳар ду кишвар дошта бошад. Бо қаноатмандӣ аз нахустин натиҷаҳои ҳамкорӣ, ки аз соли 2010 ба ин сӯй ба чашм мерасад, ба густариши бештар ва пурсамари чунин ҳамкорӣ ҳар ду ҷониб изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

*www.prezident.tj*

# Барқияҳои табрикотӣ

**28 октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла, чунин гуфта мешавад:**

«Муҳтарам Ислом Абдуғаниевич!

Дар ин рӯзҳо ба санаи барқароршавии муносибатҳои дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 20 сол пур мешавад.

Аз Шумо хоҳиш мекунам ба муносибати ин воқеаи фархундаи таърихи навтарини муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону Ӯзбекистон табрикоти самимона ва орзуҳои беҳтаринамро қабул фармоед.

Мо дар Тоҷикистон анъанаҳои чандинасраи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии неки байни халқҳоямонро қадр мекунем.

Мо аз рӯзҳои аввали истиқлолияти миллиамон ба онҳо такя намуда, саъй мекунем, ки тамоми маҷмӯи ҳамкории амалии Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар заминаи принсипҳои баробарҳуқуқӣ, эҳтироми якдигар ва ба инобат гирифтани манофеи тарафайн, ки дар санадҳои асосии танзимкунандаи муносибатҳои дуҷонибаи имрӯзаамон асос ёфтаанд, бемайлон густариш диҳем.

Мехоҳам аз имконияти мусоид истифода карда, қайд намоям, ки саъю кӯшишҳои якҷояамон мусоидат мекунанд, ки на фақат ба ситезаҷӯйӣ ва хавфу хатари имрӯза муқобилат намоем, балки муносибатҳои кишварҳоямонро ба сатҳи сифатан нави тараққиёт ба нафъи халқҳоямон ва ба хотири таҳким бахшидани суботи минтақа низ барорем.

Ба Шумо, муҳтарам Ислом Абдуғаниевич, тансиҳатии бардавом ва беҳбудии ҳамаҷониба ва ба халқи дӯсти Ӯзбекистон сулҳу субот ва инкишофи минбаъдаро орзу менамоям».

***

**28 октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла, чунин омадааст:**

«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!

Барои табрикоти самимона ва орзуҳои неки Шумо ба муносибати 20 - солагии барқароршавии муносибатҳои байни кишварҳоямон изҳори сипос мекунам.

Муносибатҳои дӯстӣ ва эҳтироми мутақобила, ки аз умқи асрҳо сарчашма мегиранд, умумияти таърихӣ, дин, расму анъанот, масоили умумӣ, ки онҳоро халқҳоямон ҳал менамуданд, моро дар роҳи расидан ба беҳбудӣ, ҳаёти арзандаи мардумамон ҳамеша муттаҳид месохтанд. Аминам, чунин муносибатҳо, ки аз имтиҳони замон гузаштаанд, минбаъд ҳам боқӣ мемонанд.

Аз фурсат истифода намуда, ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, тансиҳатии бардавому муваффақиятҳо ва ба халқи Тоҷикистон беҳбудию комрониро таманно мекунам».

***

**29 октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла, чунин гуфта мешавад:**

«Ҷаноби Олӣ, бародари азиз!

Ба муносибати фаро расидани солгарди иди миллии кишвари дӯст Ҷаноби Олӣ ва тамоми мардуми Ҷумҳурии Туркияро самимона табрику таҳният менамоям.

Тоҷикистон барои рушду нумӯи ҳар чӣ бештари муносибатҳои дӯстона миёни ду кишвар манфиатдор буда, муҷаддадан таъкид менамояд, ки дар ин самт тамоми имкониятҳои мавҷударо мавриди истифода қарор хоҳад дод.

Итминони комил дорам, ки раванди ҳамкориҳои созанда ва мутақобилан судманди ду кишвар боз ҳам густариш хоҳанд ёфт.

Бо истифода аз ин фурсати нек ва фараҳбахш ба бародари азизам, ҷаноби Президент, сиҳатии комилу муваффақиятҳои рӯзафзун ва ба мардуми дӯсту бародари Туркия шукуфоиву саодат таманно дорам».

# Нишасти навбатии Комиссияи ИДМ баргузор гардид

**Бисту панҷуми октябри соли 2012 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон нишасти навбатии Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои марбут ба тақвияти ҳамкорӣ байни парлумонҳои кишварҳои аъзои ИДМ, истифода аз таҷрибаи якдигар, шиносоӣ бо раванди таҳия ва қабули қонунҳо дар парлумонҳои ҷумҳуриҳои аъзои ИДМ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**

Нишасти мазкурро Раиси Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш, узви кумитаи Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия оид ба қонунгузории конститутсионӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва судӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ Евгений Тарло ифтитоҳ намуда, аз ҷумла изҳор дошт, ки баргузории нишасти навбатии мо дар пойтахти кишвари офтобии Тоҷикистон ва дар фазои ниҳоят мусоид падидаи нек буда, омили асосии пешрафти фаъолиятҳои ин комиссия дар ҳама заминаҳо маҳсуб хоҳад шуд.

Сипас, муовинони раиси Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш аз ҷониби аъзои он интихоб гардида, рӯзномаи баргузории нишасти мазкур тасдиқ карда шуд.

Вакилони аъзои Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш дар ин нишаст, ҳамчунин роҷеъ ба аҳамияти як қатор қонунҳои моделӣ, аз ҷумла «Дар бораи ҳифзи мероси бостоншиносӣ (дар таҳрири нав)», «Дар бораи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи озодии виҷдон, эътиқод ва иттиҳодияҳои динӣ», дигар қонунҳо, масъалаҳо - «Дар бораи истифодаи санадҳои қонунгузории моделии аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ қабулнамуда», «Дар бораи натиҷаи баргузории кунгураи байналмилалии илмӣ дар мавзӯи «Мероси Л.Н. Гумилев ва сарнавишти мардумони АвруОсиё: таърих, навгонӣ, пешрафт», «Дар бораи лоиҳаи ҳолат ва навъи нишонҳои фахрии Ассамблеяи Байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ дар бахши фарҳанг ва санъат; интишорот ва иттилоъ; тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва туризм», «Дар бораи раванди баргузории ҳамоиши байналмилалии «Гуфтугӯйи тамаддунҳо – омили асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ», «Дар бораи омодагӣ барои баргузории ҳамоиши байналмилалии «Ҷаҳони Чингиз Айтматов: якпорчагӣ ва гуфтугӯйи тамаддунҳо», «Дар бораи таъсиси ҷоизаи ба номи Чингиз Айтматов аз тарафи Ассамблеяи Байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ» ва «Дар бораи тасдиқи таърихи баргузории нишасти ояндаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш ва рӯзномаи он», ҳамчунин дигар мавзуъҳои марбут ба фаъолияти комиссияи мазкур маърӯзаҳо карданд.

Аз рӯйи масъалаҳои ба рӯзномаи нишаст воридшуда Ася Энговатова, Виктор Лопатников, Дмитрий Трубочкин, Людмила Терещенко, Анатолий Глаз, Марҳабо Ҷабборова, Маҳмадраҳим Каримов, Константин Пшенко, Каныбек Иманалиев ва Владимир Понявин суханронӣ карданд.

Вакилони аъзои Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул намуданд.

Худи ҳамон рӯз қаҳрамони чандинкаратаи бозиҳои олимпӣ, ҷаҳон ва Аврупо аз рӯйи намуди варзиши ҷуфтии рақси рӯйи ях, Устоди хизматнишондодаи варзиши собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, намояндаи мардумӣ дар Думаи Давлатии Федератсияи Россия Ирина Роднина бо варзишгарон ва қаҳрамонони ҷаҳони тоҷик оид ба риштаҳои гуногуни варзиш вохӯрӣ намуд.

Вакилони аъзои Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, туризм ва варзиш дар доираи сафари худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин аз Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Осорхонаи миллии бостоншиносӣ боздид ва бо фарҳанг ва тамаддуни минтақаҳои истироҳатӣ ва туризми Тоҷикистон ошно шуданд.

*А.САЛОҲОВ,*
*муовини мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Конференсияи илмӣ

Чанде пеш дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти таърихии он дар барқарорсозии давлатдории миллӣ» конференсия баргузор гардид.

Дар бораи нақш ва аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор намудани давлати миллӣ, таҳкими низоми давлати дунявӣ ва ваҳдати миллӣ, таносуби дунявият ва диният дар таърихи фарҳанги тоҷик директори Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродулло Давлатов, академик, ноиби президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Олимов, муаллими калони Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидислом Абдуҷабборзода, мудири шуъбаи таъриху фалсафаи дини Пажуҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаффор Мирзоев ва чанде дигарон бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуданд.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*



# Афзоиши истихроҷи ангишт дар кишвар

Зимистони қаҳратуни соли гузашта сохторҳои марбута ва аҳолии мамлакатро водор намуд, ки ба масоили омодагӣ ба фасли сармо аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Ин нукта зимни суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ борҳо таъкид гардида буд. Тибқи иттилои аз Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда, ниҳодҳои зертобеи вазорати фавқуззикр дар асоси барнома ва чорабиниҳои таҳияву тасдиқгардида, бо назардошти мунтазам зиёд шудани талаботи аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳо ба ин намуди сӯзишворӣ, фаъолияти худро вусъат бахшида, иҷрои нақшаи пешбинигардидаро ду баробар зиёд таъмин намуданд. То ин замон зиёда аз 300000 тонна ангишт истихроҷ шуда, боз ҳам афзоиш додани он имконпазир аст.

Бино ба гуфти масъулин, айни замон дар ҷумҳурӣ 1695 нуқтаи фурӯши ангишт фаъолият дорад. Аз теъдоди зикршуда дар вилояти Хатлон -589 адад, вилояти Суғд -718 адад, ВМКБ -62 адад, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ -326 адад ҷойгир буда, дар онҳо миқдори зарурии ангишт захира шудааст. Тибқи маълумоти пешакӣ, то ин дам сохторҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31634 тонна, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3207,7 тонна, Иттифоқи «Тоҷикматлубот» 13478 тонна ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2919 тонна ангишт захира доранд. Бо «лутф»-и ҳамсоякишвар, ки дар ин замина интиқоли гази табиӣ ба мушкилот мувоҷеҳ шуд, корхонаҳои азими саноатии мамлакат дар фаъолияташон, бинобар мушкилот дар таъмини саривақтии гази табиӣ, истифодаи ангиштро роҳандозӣ намудаанд. Аз маълумоти пешниҳоднамудаи масъулини Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки то ин замон КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 10042 тонна, корхонаи навтаъсиси шишабарории шаҳри Қайроққум 8315,8 тонна, ҶДММ «Тоҷикистон» 1295 тонна ва корхонаи сементистеҳсолкунии шаҳри Сарбанд 699,2 тонна ангишт захира намуданд. Рақамҳои мазкур баёнгари он ҳастанд, ки дар мамлакат ангишт ба андозаи кофӣ истихроҷ ва захира шудааст. Ҳамватанонамон метавонанд бо истифода аз имкон ва фурсати мусоид барои мавсими сармо ба қадри заруратаашон ангишт захира намоянд.

*Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

# Роҳҳо аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва тақдирсоз доранд

(Идома аз саҳ. 1)

Ин азобро алалхусус мардумони водии Зарафшон ҳар рӯзу ҳар соат эҳсос мекарданд. Аз ин рӯ, онҳо сохтмони роҳҳои навро дар ибтидои солҳои сиюми асри гузашта бо як шӯру шавқи беандоза истиқбол намуданд.

Ҳамон замон бунёди роҳи мошингарди Панҷакент – Айнӣ - Душанбе, ки бидуни қувваи техника ба тариқи ҳашар ва дар муҳлати бисёр кӯтоҳ сохта шуд, воқеан қаҳрамонии ҳақиқӣ ва корномаи умумихалқӣ буд.

Роҳ барои ҳар як мамлакат аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва тақдирсоз дорад. Бо дарки ин воқеият Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин солҳои истиқлолияти давлатӣ бо назардошти мавқеи ҷуғрофии кишвар ва ба хотири некуаҳволии мардум барномаи доманадори сохтмони роҳҳои дорои аҳамияти дохилӣ ва байналмилалӣ, азнавсозии роҳҳои куҳна, бунёди пулҳо ва нақбҳоро ба ҳаёт татбиқ намуда истодааст, ки натиҷааш ба ҳамаи сокинони кишвар ба хубӣ маълум аст.

Мо бо тамоми неру ва имконияте, ки дар ихтиёр дорем, саъю талош менамоем, ки Роҳи бузурги Абрешимро ба маънои пуррааш мавриди истифода қарор диҳем ва Тоҷикистонро дар чаҳор самт бо тамоми кишварҳои ҷаҳон бипайвандем.

Сохтмони роҳҳои нав имкон доданд, ки мо Тоҷикистони солҳои пешин дар фаслҳои тирамоҳу зимистон аз бероҳӣ ба се қисмат ҷудошударо дар тамоми фасли сол ба як кишвари воҳид ва аз лиҳози иқтисодию иҷтимоӣ мутамарказ табдил диҳем.

Ҳадафи мулоқоти имрӯзаи мо аз он иборат аст, ки ман мехоҳам хабари хушу фараҳбахшеро ба шумо расонам, ки мардуми водии Зарафшон солҳо интизораш буданд.

Ба ибораи дигар, мо аз ҳамин рӯз сар карда, ба таври расмӣ ба таҷдиду бозсозии роҳи Айнӣ-Панҷакент ҳусни оғоз мебахшем.

Шуморо ба ин воқеаи муҳим, ки дар ҳаёти сокинони водии Зарафшон нақши муҳиме хоҳад бозид, аз самими қалб табрик менамоям.

Таҷдиди роҳи мазкур, ки 114 километрро дар бар мегирад, мантиқан идомаи шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак бо масофаи зиёда аз 350 километр маҳсуб мешавад.

Таҷдиду бозсозии роҳи Айнӣ – Панҷакент дар навбати аввал баҳри беҳбудии шароити зиндагии сокинони водии Зарафшон ва рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ин минтақаи фароҳдоман ва таърихиву бостонии кишварамон нигаронида шудааст.

Пешбинӣ гардидааст, ки азнавсозии пурраи роҳи мазкур дар муҳлати ду-се сол ба маблағи умумии 650 миллион сомонӣ, яъне қариб яксаду чил миллион доллари амрикоӣ ба анҷом расонида мешавад.

Бар асоси нақшаи пешбинишуда, паҳнои роҳи таҷдидшаванда аз 12 то 15 ва дар дохили шаҳри Панҷакент 20 метрро ташкил дода, ҳаракати чорқатораи нақлиёт ва сохтмони гузаргоҳҳои зеризаминӣ таъмин карда хоҳад шуд.

Инчунин сохтмону барқарорсозии 31 адад пул бо масофаи қариб 900 метр, таъмири 60 километр роҳҳои маҳаллӣ, чароғон намудани 41 километр роҳи маҳалҳои аҳолинишин ва хариди техникаву таҷҳизоти нигаҳдории роҳ ба маблағи 12 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Омили дигари муҳим ин аст, ки дар ин иншооти бузург дар қатори мутахассисони роҳсози Ҷумҳурии Мардумии Чин то 500 нафар сокинони маҳаллӣ давоми 2-3 соли оянда бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

Бинобар ин, Вазорати нақлиёт, сохтору мақомоти дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои Панҷакенту Айнӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати иҷрои сифатноки корҳои сохтмониву барқарорсозӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ таъмиру таҷдид намудани шоҳроҳи мазкур дар ҳамкорӣ бо роҳсозон чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор вазифадоранд, ки масъалаи сифати корҳои сохтмониро мунтазам зери назорат қарор диҳанд.

Бо истифода аз фурсат, аз номи Ҳукумати Тоҷикистон ба Бонки Осиёии Рушд барои ҳамкории судманд ва ба тариқи грант ҷудо намудани 100 миллион доллари амрикоӣ ҷиҳати таҷдид ва бозсозии роҳи мошингарди Айнӣ-Панҷакент изҳори сипос ва миннатдорӣ баён менамоям.

Азнавсозии роҳ имконият медиҳад, ки дар водии Зарафшон шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт ва соҳаи кишоварзӣ муҳайё гардад ва ҳазорҳо ҷойҳои нави кор таъсис ёбанд. Дар маҷмӯъ ин омили болоравии сатҳи зиндагии мардуми минтақа хоҳад гашт.

Шаҳру ноҳияҳои Панҷакенту Айнӣ дорои сарватҳои бойи зеризаминӣ буда, бо шарофати азнавсозии роҳҳо барои рушди минбаъдаи саноати кӯҳӣ, истеҳсол ва коркарди пурраи ашёи хоми гаронбаҳо, ба монанди тиллову нуқра ва сангҳои нодир, мармар ва ғайра имкониятҳои фаровон ба вуҷуд меоянд.

Дар баробари ин, кишоварзони водии Зарафшон, аз ҷумла шаҳри Панҷакент дар соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои хуб доранд. Чунончӣ, майдони умумии заминҳои кишоварзии шаҳри Панҷакент қариб яксаду шаст ҳазор гектар буда, бисту ду ҳазор гектари онро заминҳои обӣ ташкил медиҳанд.

Бо шарофати роҳи навсохт кишоварзони соҳибтаҷрибаи шаҳр метавонанд маҳсулоти худро бемамониат ва дар кӯтоҳтарин муҳлат ба бозорҳои дохилии мамлакат ва берун аз он бароранд.

Бояд таъкид кард, ки дар назди кишоварзони мамлакат вазифа гузошта шудааст, ки дарояндаи наздик истеҳсоли картошкаро ба як миллион тонна расонанд.

Вобаста ба ин, ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Панҷакент, вазоратҳои кишоварзӣ, мелиоратсия ва захираҳои об супориш дода мешавад, ки бо дарназардошти имкониятҳои истеҳсолӣ ва шароити мусоиди табиӣояндаи наздик истеҳсоли картошкаро дар ин шаҳр то ба сад ҳазор тонна расонанд.

Солҳои охир туризми экологӣ, яъне истироҳату фароғат дар домони табиат хеле вусъат ёфтааст. Дар ин бобат низ водии Зарафшон имконияти беҳад фаровон дорад.

Эҳёи шоҳроҳи Айнӣ-Панҷакент, ки як шохаи муҳими Роҳи бузурги Абрешим мебошад, аҳамияти ҳудудиву минтақавиро аз ҳарвақта бештар пайдо намуда, барои рушди ҳамаҷонибаи туризм мусоидат менамояд.

Бо сифати баланд ва тибқи меъёрҳои ҷаҳонӣ азнавсозӣ гардидани роҳи мазкур имконият медиҳад, ки ҳазорҳо сайёҳону меҳмонон аз кишварҳои дуру наздик аз пойтахти кишвар тавассути нақби Истиқлол ва аз маркази вилояти Суғд ба воситаи нақби Шаҳристон ба тамошои ин водии зарнисор, шиносоӣ бо ёдгории Саразм, зиёрати оромгоҳи устод Рӯдакӣ ва фароғат дар соҳилҳои Ҳафткӯли рангину Искандаркӯли назаррабо омада, ба манзараҳои нотакрор ва фарҳангу таърихи куҳани мардумамон ошноӣ пайдо намоянд.

Аз ин рӯ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои Панҷакенту Айнӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор вазифадоранд, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла неруи созандаи соҳибкорону тоҷирон барои ташкили инфрасохтори сатҳи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҷалб ва таъмин намудани истироҳати сайёҳону меҳмонони дохиливу хориҷӣ тадбирҳои муассир андешанд.

Пеш аз ҳама ба масъалаҳои марбут ба ташкили инфрасохтори мувофиқ, меҳмонхонаҳои замонавӣ, ошхонаҳои миллӣ ва дигар иншооти ёрирасон таваҷҷуҳи хоса бояд зоҳир намуд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, ободонию сарсабзии водии таърихӣ ва зебоманзари Зарафшон ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Мо ҳама шоҳиди он ҳастем, ки мардуми сарбаланд ва соҳибтамаддуни водии Зарафшон чун тамоми мардуми кишвар зери нурҳои ҳаётофарини хуршеди истиқлолият барои нашъунамои сарзамини азизамон бо тамоми ҳастӣ кору пайкор менамоянд. Ин ҳама файзу баракат ва комёбиву пешравиҳои мо танҳо самараи истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва худшиносии мардуми мо мебошад.

Корҳои бузурге, ки анҷом додаем ва минбаъд анҷом хоҳем дод, орзуву ормони садсолаҳои мардуми мо буд ва онҳо танҳо дар шароити истиқлоли комил, сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ, дӯстӣ ва ягонагии кишвар ҷомаи амал хоҳанд пӯшид.

Мо имрӯз дар арафаи боз як воқеаи фараҳбахш ва таърихӣ-ифтитоҳи нақби Шаҳристон қарор дорем, ки он анҷомёбии роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак маҳсуб меёбад.

Итминон дорам, ки сокинони меҳнатдӯсти водии Зарафшон чун тамоми мардуми шарифи кишвар аз ин комёбиҳо руҳбаланд гардида, бистумин солгарди Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо армуғонҳои арзанда истиқбол менамоянд ва минбаъд низ ҷиҳати таъмини рушди устувор, таҳкими ваҳдати миллӣ, худогоҳиву ватанпарастӣ талош меварзанд.

Орзумандам, ки иқболи мардуми мо чун қуллаҳои сарбафалаки Ватанамон баланд, ризқу рӯзиашон чун обҳои Зарафшон фаровон ва дастархонашон чун боғу бӯстонҳои ҳамешасабз пурфайзу баракат бошад!

**Саломату сарбаланд ва саодатманду пирӯз бошед!**

## Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд



**27 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ифтитоҳи як зумра иншооти нави иҷтимоию иқтисодӣ, зербиноӣ ва фарҳангӣ ва ҳамчунин шиносоии наздик бо вазъи зиндагии мардум ба вилояти Суғд сафар кард.**

Боздиди кории Сарвари давлат аз вилояти Суғд аз шаҳри Панҷакент оғоз ёфт. Дар ин ҷо бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар фазои тантанавӣ ба навсозии роҳи мошингарди Айнӣ-Панҷакент оғози расмӣ бахшида шуд.

Зимни шиносоӣ бо лоиҳаи навсозии роҳ, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки масофаи шоҳроҳ 114 км буда, дар доираи ин тадбир ҳамчунин қариб 60 км роҳҳои маҳаллии ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент аз нав сохта мешавад ва дар маҷмӯъ масофа ба зиёда аз 170 км мерасад.

Зикр гардид, ки барои навсозии роҳи мазкур 650 миллион сомонӣ, яъне қариб яксаду чил миллион доллари амрикоӣ ҷудо мегардад ва корҳо бояд дар муҳлати ду-се сол ба анҷом расонда шаванд.

Тибқи нақша паҳнои қисмати асосии роҳи нав аз 12 то 15 метр ва дар дохили шаҳри Панҷакент 20 метрро ташкил медиҳад. Роҳи дохили шаҳр чорхата ё чорқатора шуда, дар чанд ҷой гузаргоҳҳои зеризаминӣ ҳам бунёд мееёбанд.

Ин лоиҳа ҳамчунин сохтмону навсозии 31 адад пулро бо масофаи қариб 900 метр ва чароғон намудани 41 километр роҳҳои маҳалҳои аҳолинишин ва хариди техникаву таҷҳизоти нигаҳдории роҳро ба маблағи 12 миллион сомонӣ дар назар дорад.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳангоми татбиқи ин лоиҳа то 500 нафар сокинони маҳаллӣ давоми 2-3 соли оянда бо кор ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ мардуми водии Зарафшон ва кулли кишварро бо ин тадбири фараҳбахш табрику таҳният гуфта, ба Бонки Осиёии Рушд, ки барои навсозии ин роҳ ба тариқи грант 100 миллион доллари амрикоӣ ҷудо намудааст, арзи сипос намуд.

Ба роҳбарияти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои масъул дастур дода шуд, ки анҷоми саривақтӣ ва босифати корҳоро дар татбиқи ин лоиҳа таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Бо дарназардошти ҳузури роҳбарият ва фаъолони шаҳри Панҷакент дар ин чорабинӣ ба кишоварзони он супориш дода шуд, ки ояндаи наздик истеҳсоли картошкаро то ба 100 ҳазор тонна расонанд. Супоришҳои мушаххас, ҳамчунин доир ба рушди саноат, истихроҷ ва коркарди захираҳои фаровони табиӣ, маъданҳои кӯҳӣ ва ривоҷ додани туризми экологӣ ва фарҳангӣ дода шуд.

Дар ин маросими тантанавӣ муовини президенти Бонки Осиёии Рушд Сиаою Жао иштирок ва суханронӣ намуда, изҳори умеду боварӣ кард, ки ин қитъаи Шоҳроҳи бузурги Абрешим дар сатҳи байналмилалӣ навсозӣ шуда, ба густариши робитаҳои нақлиётию транзитӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидати фаъол мекунад.

*www.prezident.tj*

# Ба шарофати Роҳи бузурги Абрешим Тоҷикистон аз чаҳорчӯбаи маҳдуди ҷуғрофӣ мебарояд

(Идома аз саҳ. 1)

Мо доимо дар хотир бояд дошта бошем, ки ин ҳама комёбиҳою музаффариятҳо дар замони истиқлолият ва давлатдории миллии тоҷикон даст доданд. Имрӯз, ки мо ба ҷашни 20-солагии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷлосияе, ки ба таърихи навини миллати мо дар ҳазорсолаи сеюм ибтидо гузошт, омодагӣ мебинем, бояд ҳамеша шукронаи истиқлолият ва давлатдории миллӣ кунем.

Истиқлолият ва давлатдории миллӣ таҳкурсии ҳамаи муваффақиятҳост ва мояи ифтихору сарфарозии мост.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо камоли ифтихор ва қаноатмандӣ метавон гуфт, ки эҳёи Роҳи бузурги Абрешим дар кишвари мо бо расми ифтитоҳи боз як иншооти муҳими стратегӣ – нақби «Шаҳристон» ба фарҷоми мантиқии худ мерасад.

Дар ин лаҳзаҳои воқеан хотирмони таърихӣ тамоми сокинони мамлакат, ҳозирини арҷманд ва меҳмонони гиромиро бо оғоз шудани фаъолияти нақби васлкунандаи «Шаҳристон», ки барҳақ эъҷози неруи зеҳнӣ ва иродаи матини инсонист, самимона табрику муборакбод мегӯям.

Мо шаш сол пеш ба корҳои сохтмонии нақби «Шаҳристон» оғоз бахшида будем ва ин лаҳзаҳо шоҳид гаштем, ки ин шоҳкории миллӣ бо заҳмати шабонарӯзии мутахассисони ватаниву чинӣ ва азму талоши бесобиқаи насли созандаи мамлакатамон ба анҷом расонида шудааст.

Бо истифода аз фурсат ба муҳандисону сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар ин ҷабҳаи созандагии Ватани маҳбубамон саҳми арзанда гузоштаанд, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ҳамзамон дар ин рӯзи таърихӣ хосатан ба роҳбарият, мутахассисони роҳсози Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки дар бунёди нақби «Шаҳристон» саҳми сазовор гузоштаанд, арзи сипосу миннатдории самимонаи халқи тоҷикро тақдим медорам.

Зеро дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ маҳз тавассути дастгириву сармоягузориҳои ин ҳамсояи бузурги мо чандин иншооти муҳими кишвар мавриди истифода қарор гирифта, имрӯз низ бунёди иншооти гуногун идома доранд, ки нишонаи воқеии ҳамкориҳои байни ду давлати дӯст мебошанд.

Нақби «Шаҳристон» ба шарофати соҳибистиқлол гардидани Ватанамон бунёд гардид ва мо имрӯз бо ифтихор изҳор менамоем, ки дар марҳалаи кунунии рушди кишварамон асосан ҳамаи мушкилоти равобити нақлиётии мамлакатамон бартараф шуда, мутахассисони мо дар ҷодаи бунёди ҳамагуна иншооти коммуникатсионӣ таҷрибаи ғанӣ андӯхтанд.

Татбиқи лоиҳаи азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе - Чанак дар асоси Созишномаи байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ширкати чинӣ оид ба сохтмони роҳу пулҳо бо сатҳу сифати ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ амалӣ гардид, ки маблағи умумии лоиҳаи мазкур қариб як миллиарду 430 миллион сомониро ташкил додааст.

Нақби «Шаҳристон», ки самараи истиқлолияти давлатӣ ва меҳнати созандаи мардуми куҳанбунёду меҳнатқарини кишварамон маҳсуб мешавад, бо сарфи қариб 430 миллион сомонӣ бунёд гардида, дарозии нақби мошингузар 5253 метр ва нақби ҳаводиҳанда 5289 метрро ташкил медиҳанд.

Акнун баъди мавриди истифода қарор гирифтани нақб ҳаракати мунтазами ҳамаи воситаҳои нақлиёт дар тамоми фасли сол таъмин карда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки солҳои тӯлонӣ ҳангоми гузаштан аз ағбаи «Шаҳристон», хусусан дар фасли зимистон бар асари боришоти пай дар пай, фаромадани тарма ва садамаҳои зиёди нақлиётӣ талафёбии молу маҳсулот ва ҳатто ҳодисаҳои ба ҳалокат расидани ронандагону мусофирон ба мушоҳида мерасид.

Аз ин лиҳоз, мавриди истифода қарор гирифтани нақби «Шаҳристон» ҳамчун неъмати даврони истиқлолият дар раванди таҳаввулоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар саҳифаҳои таърихи навини давлатдориамон мақоми арзандаи худро ишғол хоҳад кард.

Худ қиёс кунед, агар мардум дар солҳои пеш барои убур кардани роҳи душворгузари байни шимолу ҷануби мамлакат то понздаҳ соат масраф менамуданд, ҳоло ин масофаро дар шароити бехатариву бидуни мамоният дар 3-4 соат тай хоҳанд кард.

Ҳамзамон миқдори зиёди сӯзишворӣ сарфа гардида, имконияти ҳамлу нақли молу маҳсулоти ниёзи мардум ва робитаҳои тиҷоратии минтақаҳо, бахусус аз вилояти Суғд тариқи роҳи байналмилалӣ то ағбаи «Шаҳристон» убур мекунанд, зеро солҳои тӯлонӣ ҳангоми гузаштан аз ин ағба, хусусан дар фасли зимистон бар асари боришоти пай дар пай, фаромадани тарма ва садамаҳои зиёди нақлиётӣ талафёбии молу маҳсулот ва ҳатто ҳодисаҳои ба ҳалокат расидани ронандагону мусофирон ба мушоҳида мерасид.

То ин вақт мусофирон роҳи миёни шимолу ҷануби кишвар ё худ миёни шаҳрҳои Душанбеву Хуҷандро дар 10-15 соат тай мекарданд, ҳоло бошад ин кор дар 3-4 соат анҷом меёбад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар назди мардуми сершумори ба ин муносибат ҷамъомада суханронӣ карда, онҳо ва тамоми аҳолии кишварро бо ин рӯйдоди пурфараҳ-ифтитоҳи нақби мошингарди «Шаҳристон», ки ҷузъи муҳиме аз Шоҳроҳи бузурги Абрешим буд, табрику шодбош гуфт.

Ба муҳандисону бинокорон ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёди ин иншооти бузург саҳми сазовор гузоштаанд, хусусан ба роҳбарияти Ҷумҳурии Мардумии Чин ва мутахассисони роҳсози ин кишвар изҳори сипос карда шуд.

Аз роҳсозони чинию тоҷик талаб карда шуд, ки қисматҳои осебдидаи роҳи мошингарди Душанбе-Чанакро, хусусан дар минтақаҳои кӯҳии он, аз нав барқарор созанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуд, ки бунёди нақби «Шаҳристон» идомаи тадбирҳои ҳаётан муҳими Ҳукумати кишвар, аз ҷумла бунёди шоҳроҳи Душанбе - Чанак ва хатҳои баландшиддати интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол», «Хуҷанд-Айнӣ» ва бисёр лоиҳаҳои бузургҳаҷми дигар мебошад. Зикр гардид, ки ҳоло дар Тоҷикистон 57 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи умумии беш аз 9 миллиард сомонӣ амалӣ мегардад, ки дар доираи онҳоояндаи наздик боз садҳо километр роҳҳо ва нақбу пулҳо сохта ва ё навсозӣ хоҳанд шуд.



## Ифтитоҳи расмии нақби мошингарди Шаҳристон

**27 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба даромадгоҳи қисмати ҷанубии нақби мошингарди «Шаҳристон» ташриф оварда, онро дар фазои тантанавӣ ифтитоҳ намуд.**

Баъди буридани лентаи рамзӣ, ки ишора ба ифтитоҳи расмии нақби деринтизори «Шаҳристон» аст, қатори мошинҳои Сарвари давлат ва ҳамроҳони ӯ аввалин шуда, аз ҷануб ба шимоли нақб убур карданд ва аз мавриди баҳрабардории ҳамагонӣ қарор гирифтани ин иншооти муҳими зербинои нақлиётӣ башорат доданд.

Тавре зикр гардид, роҳи мошингарди Душанбе - Чанак бо харҷи қариб як миллиарду 430 миллион сомонӣ навсозӣ шуд. Барои бунёду таҷҳизи нақби мошингарди «Шаҳристон» бошад, ки дарозиаш 5253 метр мебошад, бо 5289 метр нақби ҳаводиҳандааш қариб 430 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Ифтитоҳи ин иншооти муҳим, албатта, боиси шодию нишоти мардуми кишвар, хусусан ронандагоне гардидааст, ки мунтазам аз ағбаи душворгузари

*www.prezident.tj*

Кулма ба таври назаррас афзоиш меёбад.

Муҳимтар аз ҳама, минбаъд иртиботи тиҷоратии Тоҷикистон аз тариқи ин шоҳроҳи бузург бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, Чину Афғонистон ва Эрону Покистон вусъати нав пайдо намуда, ба паст шудани нархи молу маҳсулоти воридотӣ мусоидат менамояд ва дар самти пайвастан ба роҳҳои тиҷоратии обии қитъаи Осиё имкониятҳои иловагӣ ба миён меоянд.

Дар баробари ин, ҳоло аз ҷониби Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи нақшаву барномаҳои созандаву ободкорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Аз ҷумла кандани нақбҳои мошингузар, таҷдид ва бунёди роҳу пулҳо ва сохтмони инфрасохтори нақлиётӣ минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Чанд лаҳза пештар, яъне то назди шумо омадан мо бо иштироки сокинони водии зебоманзари Зарафшони зарнисор ҷиҳати таъмиру таҷдиди роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент, ки даҳсолаҳо инҷониб корношоям гардида, барои мардуми минтақа мушкилот эҷод менамояд, ҳусни ифтитоҳ бахшидем.

Умедворем, ки ин лоиҳа дар муҳлати муқарраршуда бо сатҳу сифати мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ба анҷом мерасад ва проблемаҳои рафтуомади сокинони ин гӯшаи зебои диёрамон ҳаллу фасл гардида, ҳамзамон ташрифи меҳмонону сайёҳон ба он боз ҳам афзоиш меёбад. Чунонки борҳо иброз намудаам, мо аз солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ раҳоӣ бахшидани кишварамон аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани он ба минтақаи транзитӣ бо дарназардошти тамоми инфраструктураи нақлиётии мутобиқ ба меъёрҳои роҳсозии ҷаҳониро яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлатамон қабул кардаем ва бо ҷалби сармояҳои ватаниву хориҷӣ онҳоро дар амал татбиқ карда истодаем.

Бахусус солҳои охир дар бахши сохтмону таҷдиди роҳҳои дохилии кишвар тадбирҳои мушаххасу манфиатбахш андешида мешаванд.

Алҳол дар кишвар 57 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз нуҳ миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодаанд. Дар назар аст, ки дар солҳои наздик як қатор лоиҳаҳо дар ин самти фаъолиятамон амалӣ гардида, дар баробари идома додани бунёди иншооти муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ садҳо километр роҳҳо ва нақбу пулҳо таъмиру таҷдид ва сохта хоҳанд шуд.

Дар раванди корҳои сохтмонии нақби «Шаҳристон» мардуми вилояти Суғд бо истифода аз таомулу анъанаҳои меҳмондӯстии аҷдодиамон ба роҳсозону нақбканон мунтазам кӯмакҳои моддиву маънавӣ расонида, ҳамеша ҳамроҳу ҳамнафаси онҳо буданд ва аз фурсати муносиб истифода намуда, ба ҳамаи соҳибватаноне, ки ба нақбканон кӯмакҳои худро дареғ надоштанд, аҳсант гуфта, сипосгузорӣ менамоям.

Бо ифтитоҳ гардидани нақби «Шаҳристон» мунтазамии ҳаракати воситаҳои нақлиётии байни тамоми минтақаҳои кишвар пурра таъмин шуда, қисмати таърихии Роҳи бузурги Абрешим эҳё мегардад.

Дар ин лаҳзаҳо як нуктаро таъкид бояд кард, ки роҳу пулҳо пайвандгари мардуми минтақаҳои гуногунанд, ба ошноиву дилгармии онон мусоидат менамоянд, рафту омад ва қаробатро таҳким мебахшанд, сабабгори хешу таборӣ мегарданд, ки дар маҷмӯъ ин ваҳдати комили як кишвари воҳидро ба вуҷуд меорад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рӯйдоди муҳиму хотирмоне, ки мо айни замон шоҳиди он гардидем, на танҳо ба сокинони вилояти Суғд, балки барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти Ватани маҳбубамон падидаи нек буда, аз самараи соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ, ободкориву созандагӣ, пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ ва аз муташаккилии тамоми мардуми меҳанпарасти мо шаҳодат медиҳад.

Дар зарфи ин солҳо шоҳроҳи Душанбе – Чанак бо сатҳу сифати меъёрҳои ҷаҳонӣ ба истифода супорида шуда, хатҳои баландшиддати интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол» ва «Хуҷанд-Айнӣ» пеш аз муҳлат ба анҷом расиданд.

Бо азму ибтикори Ҳукумати мамлакат мо тавонистем шабакаи ягонаи энергетикии ҷануб ва шимоли кишварро дар лаҳзаҳои ҳассосу зарурӣ бунёд намуда, мавриди истифода қарор диҳем. Яъне, ин қадами аввалину устувор дар самти таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар мебошад.

Бояд зикр намоям, ки дар масири ин шоҳроҳ чанд сол қабл нақби «Истиқлол» ба истифода супорида шуд, ки дар натиҷа робитаи доимии ҳаракати нақлиётии вилояти Суғд дар тамоми фаслҳои сол бо минтақаҳои кишвар таъмин шуда, мушкилоти вазнини рафтуомади аҳолӣ ҳал гардидааст.

Итминони комил дорам, ки нақби «Шаҳристон» барои боз ҳам боло рафтани сатҳу сифати рӯзгори аҳолӣ, рушди устувору босуботи бахшҳои иқтисодии Ватанамон нақши арзанда мегузорад.

Ҳамзамон бо ин, таҷрибаи роҳсозиву нақбкании мутахассисони тоҷик ташаккул меёбад ва дар оянда бо дарназардошти неруи созандаи ақлонии андӯхтаамон бо иқтидорҳои иқтисодии худ мо метавонем ҳамагуна иншооти мураккабро тарҳрезӣ ва бунёд намоем.

Вобаста ба ин, мутахассисону коргарони мушкилнописанде, ки дар шароити вазнини кӯҳсорон дар сохтмони нақб шабонарӯзӣ шуҷоатмандона заҳмат кашидаанд, барои рушду пешрафти имрӯзу фардои Тоҷикистони маҳбубамон корнамоии бузургро сарбаландона ба анҷом расонида, ба наслҳоиояндаи миллатамон чунин рисолати неки нақбсозиву роҳкушоиро ҳамчун рамзи ибрат ва ҳидоят барои садсолаҳо ба мерос мемонанд.

Тавре ки огоҳӣ доред, нақшаву барномаҳои бунёдкориву созандагӣ дар қаламрави мамлакатамон хеле зиёд мебошанд ва умед дорам, ки мо бо азму иродаи матини дучанд ба сохтмони чунин шоҳкориҳои азим дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар идома бахшида, ҷиҳати ободиву шукуфоии сарзамини куҳанбунёдамон шабонарӯзӣ заҳмат мекашем ва бо ҳисси баланди худшиносиву ифтихор Ватани муқаддасамонро ба кишвари ҳамқадами давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мубаддал месозем.

Бунёди ин иншооти муҳиму стратегии аср, ки васлгари минтақаҳои кишвар маҳсуб мешавад, Ҳукумат ва миллати шарифу тамаддунсози моро водор месозад, ки дар самти татбиқи нақшаву барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Ватани азизамон бо кору пайкори тозаи созандаву дастҷамъона саъю талош намоем.

Бори дигар бо ин рӯйдоди муҳими таърихӣ - ба анҷом расидани сохтмони роҳи мошингарди Душанбе – Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон – Чанак ва дар доираи ин лоиҳа ифтитоҳи нақби «Шаҳристон»-ро ҳамчун амалӣ шудани ормонҳои деринаи халқамон дар бистуякумин солгарди Истиқлолияти Ватани маҳбубамон ва ба ифтихори таҷлили бистсолагии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон ҳамчун тӯҳфаи арзандаву шоиста ба кулли мардуми кишвар самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо сиҳатии комил, саодати рӯзгор, файзу баракат ва пирӯзиҳои тозаро орзу менамоям.

**Ҳамеша сарфарозу сарбаланд бошед, ҳамватанони арҷманд!**

# Таълиму тарбияи ҷавонон аз падару модар масъулият ва заҳмати зиёдро тақозо дорад

## Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби нав дар деҳаи Қалъачаи Гули Зарди шаҳри Истаравшан

*27 октябри соли 2012*

**Омӯзгорон ва фарзандони азиз!**
**Падару модарони гиромӣ!**

Чанд лаҳза пеш, дар оғози сафари кориамон ба вилояти Суғд, мо ба корҳои таҷдиду навсозии роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент ифтитоҳи расмӣ бахшида, дар маросими ба истифода додани нақби «Шаҳристон» ширкат доштем.

Бо чунин рӯҳияи идона, бо ҳамроҳии шумо ин лаҳзаҳо боз як мактаби навбунёди замонавиро дар деҳаи хушбоду ҳавои Қалъачаи Гули Зард мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳем, ки ин сафари моро боз ҳам рангину хотирмон хоҳад кард.

Дар робита ба ин падидаҳои хурсандибахш сокинони маорифпарвару сарфарози Истаравшани бостонӣ ва тамоми мардуми вилояти Суғдро табрик гуфта, ба меъмориону муҳандисон, сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёди ин боргоҳи маърифат саҳми арзанда гузоштаанд, самимона арзи сипосу миннатдорӣ менамоям.

Бояд хотирнишон созам, ки мактаби рақами 33-юми деҳаи Қалъачаи Гули Зард ҳанӯз солҳои шастуми асри гузашта бо усули ҳашар ва бе дарназардошти талаботи меъморӣ бунёд шуда, дар зарфи солҳои охир дар ҳолати садамавӣ қарор дошт.

Аз ин рӯ, мо зарур донистем, ки ба ивази он як муассисаи таълимии замонавиро барои насли навраси ин мавзеи хушманзар сохта, ба истифода диҳем. Ин нияти нек имрӯз ба шарофати соҳибистиқлолии Ватани азизамон татбиқ шуд ва орзуи деринаи сокинони деҳа ҷомаи амал пӯшид.

Мактаби мазкур, ки бо тамоми шароити муосири таҳсил таъмин аст, аз ҳисоби буҷети кишвар дар ҳаҷми беш аз 4 миллион сомонӣ бунёд гардида, барои 640 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.



Он дорои озмоишгоҳҳои фаннӣ, синфхонаҳои забономӯзиву компютерӣ, толори варзишӣ ва ошхонаи барҳаво мебошад.

Бовар дорам, ки шогирдони хуштолеи ин боргоҳи нави донишу маърифат танҳо бо баҳои хубу аъло таҳсил карда, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафу орзуҳои нек ва ба хотири ободии минбаъдаи диёри азизамон азму талоши пайвастаи худро дареғ намедоранд.

Асри XXI – асри рушди босуръати илму техника, ҳузури уфуқҳои нави илм ва таҳаввулоти ҷиддии илмиву техникӣ мебошад ва ҳоло тақозои замон ба фарогирии донишу маърифат ҷиддӣ гардида, илм беш аз пеш ба манбаи арзишманд ва сарвати бебаҳои зиндагии башар табдил меёбад.

Аз ин рӯ, ҳаёт ва талаботи ҷаҳони муосир тақозо менамоянд, ки ҳар як шахс барои таъмини зиндагии шоиста бояд, пеш аз ҳама, соҳиби донишу маърифат ва касбу ҳунар бошад.

Мо бояд дар мафкураи ҷавонон доимо ақидаеро талқин намоем, ки донишу илмомӯзӣ ин худ дараҷаи баланди худшиносӣ, худогоҳӣ, дӯст доштани миллат ва халқу Ватан мебошад.

Асоси ҳалли ҳама гуна мушкилот - кашфи оламу коинот, асрори табиату ҷомеа, расидан ба ҳадафҳои инсонӣ ва таъмини зиндагии сазовору шоиста низ аз омӯзиши илм вобаста аст.

Бо назардошти ин, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, муҳайё намудани шароити зарурии таҳсил ва мунтазам беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ пайваста тадбирҳои судманд меандешад.

Дар ин раванд, соли ҷорӣ барои бунёди мактабҳои нав, синфхонаҳои иловагӣ ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимии вилояти Суғд, аз ҷумла шаҳри Истаравшан ва таъмини онҳо бо таҷҳизоти замонавӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Айни замон тамоми муассисаҳои таълимии ноҳияи Истаравшан бо маводи таълимӣ ва технологияҳои муосир таъмин буда, сохтмони синфҳои иловагӣ ва варзишгоҳҳои мактабӣ бомаром идома доранд.

Маҳз дар натиҷаи амалӣ гардидани иқдомоти Давлату Ҳукумати Тоҷикистон солҳои охир таваҷҷуҳи худи мардум низ ба мактабу маориф бештар гардида, сол аз сол сатҳу сифати таълиму тарбия беҳтар шуда истодааст.

Бояд зикр кард, ки дар соли ҷорӣ аз миёни шаш нафар толибилми шаҳри Истаравшан, ки дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардида буданд, нахустин маротиба дар зарфи соҳибистиқлолии кишварамон ду нафари онҳо дар озмуни байналмилалӣ дар шаҳри Москва иштирок карда, бо медалҳои биринҷӣ ба Ватан баргаштанд.

Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки Давлат ва Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамаи имкониятҳои мавҷударо сафарбар менамояд, то ки онҳо дар оянда ташаббусҳои созандаи насли имрӯзаро идома бахшанд ва муҳимтар аз ҳама манфиати давлату миллатамонро дар арсаи байналмилалӣ сарбаландона ҳифз карда тавонанд.

Мавриди зикри хос аст, ки бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, имрӯз низ дар кори таълиму тарбия мушкилоти ҳалталаб кам нестанд.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф якҷо бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Истаравшан вазифадор карда мешаванд, ки камбудиву норасоиҳои ҷойдоштаи соҳаро ҳамаҷониба омӯхта, ҷиҳати ҳаллу фасли онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Бояд хотирнишон созам, ки таълиму тарбияи ҷавонон аз падару модар масъулият ва заҳмати зиёдро тақозо дорад.

Хусусан дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ, ташаккули маҳорату малакаи донишомӯзии фарзандон, дар канор намондани онҳо аз суръати баланди рушди илму техникаи муосир, дарк намудани рисолати аслии хеш дар ҷомеа, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои умумимиллӣ аз волидайн, мактаб ва аҳли ҷомеа масъулияти дучандро талаб менамояд.

Бо дарназардошти ҳамин зарурат мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул намудем, то дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир ҷиҳати ташаккули дониш ва ахлоқи ҳамидаи насли ояндасози Ватанамон шароити арзанда фароҳам оварем.

Истаравшан аз қадимулайём яке аз ҳавзаҳои фарҳангии минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт ва фарзандони бошарафи он дар ҳама давру замон барои пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти Ватани муқаддасамон саҳми арзанда гузоштаанд.

Аксарияти ҳамватанонамон аз хизматҳои шоистаи шоирону олимони шуҳратёри истаравшанӣ, аз ҷумла Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Аҳрор Мухторов, Раҷаб Амонов, Ҳабибулло Саидмуродов ва амсоли онҳо ҷиҳати рушди илму адаби тоҷик хуб огоҳанд.

Аз ин рӯ, вазифаи ҳар яки мо ва махсусан кормандони соҳаи маорифи вилоят ва шаҳри Истаравшан аз он иборат аст, ки фарзандонамонро дар руҳияи илму донишомӯзии ин шахсиятҳои шинохтаву ватандӯсти миллатамон тарбия карда, ба камол расонем.

Итминони комил дорам, ки кулли сокинони Истаравшани бостонӣ ва махсусан кормандони соҳаи маорифи шаҳр аз муҳити орому осудаи кишварамон шукргузорӣ намуда, минбаъд низ ҷиҳати боз ҳам ободу зебо гардонидани сарзамини муқаддасамон, инчунин ба камол расонидани насли бофарҳангу худшинос ва созандаву ватандӯст беш аз пеш саъю талош меварзанд.

Бори дигар шуморо ба муносибати ифтитоҳи мактаби нав табрик гуфта, ба хонадони ҳар як сокини шаҳри Истаравшан файзу баракат, дастовардҳои нав ва ба шогирдони ин даргоҳи маърифат хониши аълову одоби намунавӣ орзу менамоям!

**Доимо тансиҳату сарбаланд бошед!**



# Ҷиҳати рушди ҳамаҷониба ва оммавигардонии варзиш саъю талош бояд кард

## Суханронӣ дар варзишгоҳи шаҳри Истаравшан

*27 октябри соли 2012*

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Имрӯз мо дар ин диёри зебоманзари бостонӣ бо ин мақсад ҷамъ омадаем, ки рӯйдоди бузурги таърихӣ – ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» ва ба анҷом расидани таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе – Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон – Чанак ва ҳамчунин мавриди истифода қарор гирифтани варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшанро якҷоя таҷлил намоем.

Ба ин муносибат мардуми сарбаланди кишварамон, аз ҷумла мардуми фарҳангпарвару меҳнатдӯсти вилояти Суғд ва сокинони ҳимматбаланди шаҳри Истаравшанро самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тани сиҳату рӯзгори пурфайз ва хонадони осудаву иқболи баланд орзумандам.

Чунонки маълум аст, мо дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи бузурги стратегиамон, яъне аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон ва ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани соҳаи нақлиёти кишвар як қатор барномаву нақшаҳои мушаххас қабул намуда, ҷиҳати суръат бахшидани корҳо дар самти тармиму таҷдид ва бунёди роҳу пулҳои аҳамияти дохилӣ ва байналмилалидошта иқдомоти хеле зиёдро амалӣ намудем.

Аз ҷумла дар вилояти Суғд дар даҳ соли охир барои бунёду азнавсозии иншооти гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 5,3 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст.

Танҳо аз ҳисоби амалишавии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар ин давра беш аз 4,8 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст, ки дар натиҷа садҳо иншооти хурду бузург мавриди истифода қарор гирифта, ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва болоравии сатҳи зиндагии мардум мусоидат намудаанд.

Мавриди зикри хос аст, ки барои таҷдиду азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе – Чанак як миллиарду 430 миллион сомонӣ харҷ гардида, дар фосилаи ин роҳ бо заҳмати бесобиқаи мутахассисони ватанӣ ва ҳамкорони кишвари ба мо дӯсту ҳамсояи Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёда аз 20 километр нақб бунёд карда шудаст.

Дар саросари кишвар бошад, бо маблағгузории Ҳукумати Тоҷикистон ва шарикони рушд таъмиру таҷдид ва бунёди роҳҳои нав, аз қабили Мурғоб - Кулма, Душанбе – Қӯрғонтеппа - Данғара -Кӯлоб, Дӯстӣ - Панҷи Поён, Душанбе -сарҳади Қирғизистон мавриди истифода қарор гирифтанд.

Айни замон корҳои азнавсозӣ дар роҳҳои мошингарди Шоҳон - Зиғар, Кӯлоб - Қалъаи Хумб, Душанбе -Турсунзода, Айнӣ - Панҷакент ва сохтмони нақби «Чормағзак» бомаром идома дорад.

Бо назардошти ин, имрӯз боифтихор гуфта метавонем, ки мо мардуми тамаддунсоз ва меҳнатқарину сарбаланди тоҷик ба шарофати соҳибистиқлолии кишвар, пойдории сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва бо азму талоши созандаи хеш Ватани маҳбубамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳойӣ бахшидем ва дар ин асос заминаи мусоидро барои рушди бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ фароҳам овардем.

Аслан, агар гӯем, ки дастовардҳои солҳои охир дар кишвари мо маҳз ба шарофати истиқлолият, давлатдории миллӣ ва ваҳдату ҳамдилии мардум ба вуҷуд омадаанд, ҳақиқати бебаҳс хоҳад буд.

Зеро, чунонки қаблан ҳам гуфта будам, Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ ба халқу мамлакати мо неруи тавоное бахшида, барои пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ фазои мусоид ва хушбинонаро фароҳам овард.

Ободкориҳо ва сохтмонҳои азим дар саросари мамлакат, аз ҷумла шоҳроҳи Душанбе – Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон – Чанак натиҷаи ҳамин сиёсати пайгиронаи Ҳукумат ва азму талоши мардуми мо дар роҳи созандагию бунёдкорӣ аст.

Барои ин, мо бояд ҳамеша шукронаи истиқлолият кунем, ки дар роҳи фатҳу кушоишҳо чароғи роҳнамо ва тоҷи заррини миллати шарафманди тоҷик аст.

Мо бояд ин андешаро ҳамеша ба ҷавонон, киояндаи кишвар дар дасти онҳост, талқин кунем ва ғояи ваҳдати миллиро тарғибу ташвиқ намоем.

Зеро тинҷиву амонӣ, ваҳдату ягонагӣ ва ҳамдиливу ҳамдигарфаҳмии мардум асоси ҳама гуна пешрафт ва ободии мамлакат мебошанд.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки барои шукуфойӣ ва боз ҳам ободу зебо гардидани Ватанамон-Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд корҳои зиёдеро ба сомон расонем.

Дар ин раванд, ният дорем, ки дар шафати роҳҳои ба тозагӣ бунёдгардидаи аҳамияти байналмилалидошта инфрасохтори нақлиётии муосирро бунёд намуда, барои омадурафти озоду бемонеаи шаҳрвандон ва рушди тиҷорати ватанӣ тамоми шароити заруриро фароҳам созем.

Бинобар ин, оғози таҷдиди роҳи мошингарди Айнӣ - Панҷакент, азнавсозии роҳи Душанбе-Чанак, ифтитоҳи нақбҳои «Истиқлол»-у «Шаҳристон» ва дар заминаи он эҳё гардидани роҳи бузурги абрешим, бунёди варзишгоҳ барои ҳаждаҳ ҳазор ҷойи нишаст дар шаҳри Истаравшан аз ҷумлаи дастовард ва корномаҳое мебошанд, ки дар бистуякумин солгарди бузургтарин ҷашни саодати миллатамон -Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ба истиқболи бистсолагии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии мамлакат ба мардуми шарафманди тоҷик насиб гардидааст.

Зиёда аз ин, ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» ва ба ин васила ба марҳалаи ниҳойӣ расидани бунёди шоҳроҳи бузурги Душанбе - Чанак дар самти амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон, яъне раҳойӣ бахшидани кишварамон аз бунбасти коммуникатсионӣ беҳтарин туҳфа барои тамоми мардуми тоҷик аст.

Бо ифтитоҳи нақби «Шаҳристон», агар аз як тараф, вилояти Суғд ба марказ ва қисмати ҷануби мамлакатамон пайванди доимӣ касб кунад, аз тарафи дигар, Тоҷикистон минбаъд бо кишварҳои ҳамҷавори Чину Афғонистон ва Эрону Покистон, инчунин бо минтақаи Аврупо пайваст гардида, қисмати бостонии Шоҳроҳи бузурги Абрешим эҳё мегардад ва ба ин васила ин мероси бузургу қадимаи халқҳои Осиё ҳамчун пайвандгари иқтисодиёти кишварҳои дорои тамаддуни бостонӣ бо мазмуну муҳтавои тоза арзи ҳастӣ менамояд.

Аз ҷониби дигар, нақби «Шаҳристон» ҳамчун пайвандгари қалбҳои миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб гардида, дорои аҳамияти муҳими стратегӣ мебошад ва дар ояндаи наздик ба роҳи транзити байналмилалӣ табдил меёбад.

Тавре ки дар хотир доред, моҳи августи соли гузашта ҳангоми сафари кориам ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан ва сохтору мақомоти дахлдор дастур дода будам, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин варзишгоҳи имрӯзаро азнавсозӣ намоянд.

То имрӯз ҷиҳати иҷрои корҳои таҷдиду азнавсозии варзишгоҳи шаҳри Истаравшан аз ҳисоби маблағҳои буҷет беш аз 13 миллион сомонӣ масраф гардида, барои ҷалби бештари ҷавонон ба варзиш, ҳамчунин гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ 18 ҳазор ҷойи нишаст омода карда шудааст.

Дар робита ба ин, меҳоҳам ба муҳандисону сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар азнавсозии ин варзишгоҳи бошукуҳ саҳм гузоштаанд, миннатдории самимӣ баён намоям.

Боварии комил дорам, ки мардуми саодатёру заҳматпешаи Истаравшани бостонӣ ҷавобан ба ин таваҷҷуҳу ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат минбаъд низ ҷиҳати рушди ҳамаҷониба ва оммавигардонии варзиш, ҳамчунин тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим беш аз пеш саъю талош намуда, бахусус дар роҳи тарбияи дурусти ҷавонон ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки нақши Суғди бостонӣ ҳамчун яке аз давлатҳои қадимаи тоҷикон дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он хеле бузург будааст.

Бо вуҷуди он ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ қаламрави Суғди бостон, аз ҷумла шаҳри Истаравшан ва мардуми он мунтазам мавриди тохтутози аҷнабиён қарор гирифта бошад ҳам, хушбахтона иродаи қавӣ ва неруи шикастнопазири суғдиён имконият надоданд, ки чароғи фарҳанги аҷдодамон дар ин куҳандиёр хомӯш гардад.

Баръакс, гузаштагони шарафманди ин диёри куҳан касбу ҳунари аҷдодӣ ва анъанаву ойинҳои миллиамонро аср ба аср ба наслҳои баъдина бо рангу тобиши боз ҳам гуворову зебо ба мерос мегузоштанд.

Ин аст, ки имрӯз низ мардуми олам Истаравшанро ҳамчун шаҳри ҳунармандону тоҷирони ҳимматбаланд эътирофу эҳтиром мекунанд.

Ҳоло дар шаҳрҳои бузурги як қатор мамолики хориҷӣ амали устоҳои чирадасти ин мулки бостонӣ на танҳо ҳамчун ёдгориҳои меъморӣ, балки муаррификунандаи фарҳанги волои тоҷикон дар ақсои олам арзи вуҷуд намудаанд, ки ин боиси ифтихори тамоми мардуми тоҷик мебошад.

Дар Ватани азизамон бошад, нақши дастони ҳунармандони шаҳри Истаравшанро мо қариб дар ҳамаи иншооти маъмуриву фарҳангӣ баръало мушоҳида мекунем.

Бояд зикр намоям, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвари азизамон низ саҳми мардуми вилояти Суғд, аз ҷумла сокинони шаҳри Истаравшан дар раванди татбиқи нақшаву барномаҳои давлатӣ, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва беҳтар гардонидани хизматрасонии муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ хеле назаррас мебошад.

Аз таҳлили вазъи иқтисодиву иҷтимоии вилояти Суғд ва шаҳри Истаравшан бармеояд, ки солҳои охир дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешрафту дастовардҳо хеле зиёданд.

Боиси қаноатмандист, ки дар қаламрави вилоят ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо молҳои аввалиндараҷа, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Ҳамзамон ба ин, дар шаҳри Истаравшан бо мақсади афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти худӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби корхонаҳо ва тоҷирону соҳибкорони ватанӣ таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ ворид гардидааст.

Танҳо дар давоми ҳашт моҳи соли равон дар вилояти Суғд беш аз 100 корхонаи нави истеҳсолӣ бо шаш ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шудаанд, ки ҳамчун амали созанда қобили пайравӣ ва дастгирист.

Дастовардҳои кишоварзон ва соҳаҳои иҷтимоии вилоят низ дар соли равон хеле назаррасанд. Айни замон талаботи аҳолии вилоят бо маҳсулоти кишоварзӣ асосан таъмин буда, баъзе намудҳои маҳсулоти сердаромади бахши кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот ба кишварҳои хориҷӣ содирот карда мешавад, ки барои боз ҳам боло рафтани сатҳу сифати зиндагии сокинон мусоидат менамояд.

Соли равон дар қаламрави шаҳри Истаравшан чандин муассисаи нави таълимиву табобатӣ, боғҳои фарҳангиву фароғатӣ, иншооти хизматрасонӣ ва маданиву маишӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Боварии комил дорам, ки мардуми бо нангу номуси вилояти Суғд, аз ҷумла сокинони шарафманди шаҳри Истаравшани бостонӣ минбаъд низ дар самти мустаҳкам намудани пояҳои давлати соҳибистиқлоламон ва боз ҳам ободу зебо гардонидани Тоҷикистони озоду сохибихтиёр, инчунин ҷиҳати истиқболи сазовори бистумин солгарди Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми ватандӯстонаи хешро мегузоранд.

Бо чунин ниятҳои нек, бори дигар тамоми сокинони вилояти Суғдро ба муносибати анҷоми корҳои азнавсозӣ дар роҳи мошингарди Душанбе – Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон – Чанак, ифтитоҳи нақби Шаҳристон ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани варзишгоҳи шаҳри Истаравшан самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо саодати рӯзгор, комёбиҳои тоза ва файзу баракати ҳамешагиро орзу менамоям.

**Доимо саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**



# Гузориш аз ҷараёни сафари кории Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд

**27 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Қалъачаи Гули Зарди шаҳри Истаравшан ташриф оварда, дар маросими ифтитоҳи мактаби наву замонавии он иштирок намуд.**

Бо буридани лентаи рамзӣ ин даргоҳи илму маърифат расман ифтитоҳ ёфт.

Тавре зикр гардид, ин мактаб, ки барои 640 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, бо тамоми шароити муосири таҳсил бо сарфи чор миллион сомонӣ маблағҳои ҷумҳуриявӣ бунёд ёфтааст. Зимни шиносойӣ аён гардид, ки мактаб дорои озмоишгоҳҳои фанҳои дақиқ ба мисли физикаю кимиё ва биология, синфхонаҳои забономӯзӣ ва омӯзиши асосҳои кори компютер ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Мактаб ҳамчунин толори калони варзишӣ ва майдони васеи варзишӣ дорад, ки барои намудҳои гуногуни варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ пешбинӣ шудаанд. Ошхонаи зебою барҳавои мактабӣ дорои шароити хуби муосир мебошад.



Ифтитоҳи ин мактаб боиси хушнудии зиёди аҳолӣ ва мактаббачагони деҳаи Қалъачаи Гули Зарди шаҳри Истаравшан гардид, зеро, тибқи иттилои масъулин, мактаби пешинаи ин деҳа ҳанӯз солҳои шастуми асри гузашта бо усули ҳашар бунёд ёфта, солҳои охир дар ҳолати садамавӣ қарор дошт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мардуми маорифпарвару сарфарози Истаравшани бостонӣ ва хусусан деҳаи Қалъачаи Гули Зардро бо мавриди истифода қарор гирифтани ин мактаби нав табрику таҳният гуфта, изҳори боварӣ намуд, ки хонандагони он бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, оянда дар ободонию тараққиёти Тоҷикистони азиз саҳми намоён мегузоранд.

* * *

**Бегоҳии рӯзи 27 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон варзишгоҳи навсозишудаи шаҳри Истаравшанро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, дар чорабинии бошукӯҳи фарҳангии бахшида ба ифтитоҳи нақби «Шаҳристон», анҷоми пурраи навсозии шоҳроҳи Душанбе-Чанак ва дубора мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани варзишгоҳ иштирок намуд.**

Чунонки иттилоъ дода шуд, барои навсозии варзишгоҳи шаҳри Истаравшан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ беш аз 13 миллион сомонӣ сарф гардида, он дорои 18 ҳазор ҷойи нишаст аст.

Мардуми сипосгузори шаҳри Истаравшан, хусусан дӯстдорони варзишу тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим, ки варзишгоҳро лабрез намуданд, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бо шодию нишоти бепоён истиқбол гирифтанд.

Зимни суханронӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мардуми сарбаланди кишвар, аз ҷумла сокинони вилояти Суғд ва шаҳри Истаравшанро бо рӯйдодҳои руҳбахшу неруафзои имрӯза, пеш аз ҳама, мавриди истифодаи умум қарор гирифтани нақби мошингарди «Шаҳристон» шодбош гуфт.

Бо арзи қаноатмандӣ аз ифтитоҳи ин варзишгоҳи бошукӯҳ изҳори боварӣ карда шуд, ки мардуми заҳматнописанди Истаравшани бостонӣ ҷавобан ба ин таваҷҷуҳу ғамхориҳои Ҳукумати кишвар минбаъд низ ҷиҳати рушди ҳамаҷониба ва оммавигардонии варзиш, ҳамчунин тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим беш аз пеш саъю талош намуда, бахусус дар роҳи тарбияи дурусти ҷавонон ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд.

**БОЗДИД АЗ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ «ИҚБОЛ»**

**Нимаи дуюми рӯзи 27 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Истаравшан ташриф оварда, нахуст бо кори аҳли заҳмати хоҷагии деҳқонии «Иқбол»-и деҳоти «Чорбоғ» шинос шуд.**

Чунонки аён гардид, деҳқонони ин хоҷагӣ дар кори чорводорӣ, бахусус парвариши гӯсфанди зоти ҳисорӣ таҷрибаи хуб касб намудаанд. Вазни зиндаи гӯсфандони ин хоҷагӣ то ба 140 кг мерасад.

Хоҷагӣ 21,5 гектар замини корам дар ихтиёр дорад, ки аз он 5,8 гектараш обӣ мебошад. Аҳли заҳмати хоҷагӣ дар парвариши картошка, пиёз, сабзӣ, дигар навъҳои сабзавоту полезӣ ва лӯбиёгиҳо ва ҳам ғаллакорӣ таҷрибаи ибратбахш доранд.

Деҳқонони заркори ин хоҷагӣ кишти такрории зироатҳоро васеъ ба роҳ монда, аз заминҳои обӣ ду ва зиёда ҳосил ба даст меоранд.

***

**28 октябри соли 2012 боздиди кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Истаравшан идома ёфт.**

Дар маркази шаҳри Истаравшан бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст биной нави филиали ҶСК «Агроинвестбонк» ифтитоҳ ёфт.

Тавре зикр гардид, ин кор тибқи супориши Президенти кишвар доир ба кушодани филиалҳои бонкҳои саҳомӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар анҷом ёфтааст.

**(Идома дар саҳ. 5)**

# ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРӢ ВА ТАЪСИСИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ МУСОИДАТ МЕКУНАД

## Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд

*29 октябри соли 2012*





**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки шумо медонед, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи стратегии Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бахусус дар марҳилаи кунунии рушди кишварамон роҳбарияти давлат ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тадриҷан беҳтар намудани шароити зиндагии сокинони кишвар беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии миллиамон пайваста азму талош менамояд.

Бисёр рамзист, ки дар баробари амалӣ гардидани як қатор лоиҳаҳои бузурги созандагиву ободкориҳоямон имрӯзҳо мову шумо дар мавриди ба истифода супоридани якчанд иншооти муҳими иқтисодӣ дар вилояти Суғд, аз ҷумла оғози бунёду азнавсозии роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент иштирок намуда, муҳимтар аз ҳама шоҳиди рӯйдоди хотирмони таърихӣ, яъне кушодашавии нақби «Шаҳристон» гардидем.

Бояд зикр намуд, ки аҳолии кишварамон бо шукргузорӣ аз фазои орому осудаи мамлакат корҳои ободкориву созандагиро босуръат идома медиҳад ва дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ имконият фароҳам омад, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ пурра таъмин карда шаванд.

Дар ин давра Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии мамлакат қариб 25 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,5 фоиз афзоиш ёфтааст, ки саҳми сокинони вилояти Суғд дар ин раванд хеле назаррас мебошад.

Ҳамзамон ба ин, ҷиҳати таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда, рушди соҳибкориву фаъол гардонидани неруи инсонӣ ва боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ҳоло имкониятҳои истифоданашуда хеле зиёданд.

Аз ин лиҳоз, тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти имконияту воситаҳои мавҷуда ҷиҳати таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои стратегияву барномаҳои қабулшуда ва нақшаву дастурҳои Ҳукумати мамлакат тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

**Дӯстони азиз!**

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят қариб ба 5,8 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он 8,8 фоизро ташкил дода, қисми даромади буҷети вилоят дар ин давра нисбат ба нақша ба андозаи беш аз 111 фоиз иҷро шудааст.

Дар баробари ин, дар вилоят захираву имкониятҳои боз ҳам афзун намудани даромади буҷет мавҷуд аст, аммо дар баъзе шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақшаи қисме аз намудҳои андози давлатӣ таъмин нагардидааст.

Бинобар ин, сохтору мақомоти дахлдор, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони ҳамаи субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд, ки ҷиҳати таъмини босифату саривақтии нақшаҳои даромади буҷети давлатӣ, инчунин кам намудани бақияпулиҳо аз ҳисоби қарзҳои андоз чораҳои мушаххас андешанд.

Дар ин раванд амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва бартарафсозии монеаҳои маъмурӣ дар маҳалҳо низ ҳамчун омили муҳими ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ хеле зарур мебошад.

Соли равон бо мақсади ҳар чӣ соддаву сабук намудани низоми андозбандӣ ва беҳтарсозии шароити рушди соҳибкориву сармоягузорӣ аз ҷониби мақомоти қонунгузори мамлакат Кодекси андоз дар таҳрири нав қабул гардид, ки аз оғози соли 2013 мавриди татбиқ қарор дода мешавад. Тибқи он як қатор андозҳо ихтисор ва муттаҳид гардида, номгӯи андозҳо аз 21 то ба 10 адад кам карда шудааст.

Аз ин рӯ, ба сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми андозбандӣ тибқи Кодекси андоз дар таҳрири нав байни кормандони соҳа ва андозсупорандагон корҳои омӯзишиву фаҳмондадиҳиро ба таври васеъ ба роҳ монанд.

Ҳамчунин бори дигар таъкид месозам, ки истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои буҷет самти муҳими фаъолияти сохтору мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Зеро дар вилоят то имрӯз ҳолатҳои камомад ва тасарруфи воситаҳои пуливу молӣ, хароҷоти ғайриқонунии маблағҳои буҷетӣ ва изофанависӣ ба назар мерасанд.

Ҳамзамон бо ин, дар қаламрави вилояти Суғд 21 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 1 миллиарду 700 миллион сомонӣ мавриди татбиқ қарор доранд, ки иҷрои саривақтиву босифат ва хароҷоти мақсадноки маблағҳои зикршуда назорати доимии масъулинро тақозо менамояд.

Бо татбиқ гардидани лоиҳаҳои мазкур масъалаҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии вилоят, аз ҷумла сохтмону азнавсозии роҳу пулҳо, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, бунёди хатҳои интиқоли барқ, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва эъмори иншооти маорифу тандурустӣ тадриҷан ҳал гардида, дар маҷмӯъ ба раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии миллиамон мусоидат менамоянд.

Танҳо дар зарфи 12 соли охир дар вилоят дар доираи татбиқи 34 лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ наздик 5 миллиард сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст.

Вобаста ба ин масъала хотирнишон месозам, ки дирӯз боз як лоиҳаи нави сармоягузорӣ ҷиҳати таҷдиду азнавсозии роҳи Айнӣ – Панҷакент ба маблағи умумии 650 миллион сомонӣ оғоз карда шуд. Чунин иқдомҳои созанда минбаъд низ аз ҷониби Ҳукумати кишвар идома хоҳанд ёфт.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро мувофиқи нақша ва бо сифати баланд ба роҳ монда, истифодабарии мақсадноки маблағҳои ҷудогардидаро зери назорати доимӣ қарор диҳад.

Бори дигар таъкид месозам, ки дастгирии соҳибкорӣ ва таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ омили таъмини рушди иқтисодӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ буда, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва ташаббусҳои созандаи шаҳрвандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Гарчанде дар вилояти Суғд соли гузашта 65 корхонаи нави саноатӣ бо ду ҳазор ҷойи нави корӣ ва дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 88 корхонаи нав бо ду ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуда бошад ҳам, имкониятҳои вилоят дар ин самт, махсусан дар соҳаҳои истеҳсоли молҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати сабук ва хӯрокворӣ ва коркарду истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ пурра истифода нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва бо истифода аз сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ҷиҳати боз ҳам зиёд намудани шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Илова бар ин, бори дигар таъкид месозам, ки тамоми сохтору мақомоти дахлдор, пеш аз ҳама, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи соҳибкорон, махсусан соҳибкории истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

Дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар вилоят барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва дастгирии соҳибкорӣ пешниҳоди маблағҳо аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 23 фоиз афзоиш ёфта, беш аз як миллиарду 200 миллион сомонӣ қарзҳои гуногун дода шудаанд.

Шумораи қарзгирандагон низ афзоиш ёфта, аз 96 ҳазор нафари соли 2011-ум имрӯз ин нишондиҳанда ба 140 ҳазор нафар баробар гардидааст, ки ин рақам аз баланд шудани эътимоду боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳлили мавқеи ҷойгиршавии ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди вилоят аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар як қатор ноҳияҳои дурдаст то ҳанӯз баъзе мушкилоти дастрасии хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ ба мушоҳида мерасанд.

Доир ба ин масъалаи муҳим, Бонки миллиро зарур аст, ки якҷо бо бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарздиҳӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораҳои таъхирнопазир андешад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Корхонаҳои саноатии вилояти Суғд дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро беш аз 115 фоиз таъмин намудаанд.

Аз 276 корхонаи саноатӣ 206 корхона ё 74 фоиз суръати афзоишро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта таъмин намуда, 66 корхона ё 24 фоизи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли махсулотро коҳиш дода, чор корхона аз фаъолият бозмондааст.

Сабабҳои бозмондани корхонаҳои саноатӣ, аз як тараф, мавсимӣ будани фаъолияти корхона, нарасидани маблағҳои гардишӣ ва ба фурӯш нарафтани маҳсулоти тайёр бошад, аз тарафи дигар, фарсуда гардидани таҷҳизоти технологӣ ва иваз намудани самти фаъолият мебошад.

Аммо, сарфи назар аз ин, корхонаҳои зикршуда бояд вобаста ба талаботи замон фаъолияти худро мутобиқ гардонида, дар ғанӣ гардидани буҷети мамлакат мусоидат намоянд.

Бинобар ин, сохтору мақомоти дахлдор ва роҳбарони субъектҳои истеҳсолиро зарур аст, ки бо истифода аз ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиву норасоиҳои мавҷуда тадбирҳои судманд андешанд.

Сохтору идораҳои дахлдор, раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат, инчунин масъулони вилояти Суғдро зарур аст, ки ҷиҳати коркарди ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла нахи пахтаву пилла ва дар ин замина ташкили ҷойҳои нави корӣ чораҷӯйӣ намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшаванда ва пайдо намудани бозори фурӯши онҳо тадбирҳои амалӣ андешанд.

Дар ин раванд зарур аст, ки имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Ҳоло яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиву иҷтимоии мамлакат омодагии ҳамаҷониба ба мавсими зимистонгузаронӣ буда, дар ин ҷода роҳбарони ҳамаи сохтору мақомотро зарур аст, ки ҳолати омодагии иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ, шабакаву таҷҳизоти барқиву гармидиҳанда, захираи зарурии сӯзишвориву озуқавориро таъмин намоянд.

Инчунин ҷиҳати дар ҳамаи ҷамоатҳо ва деҳоти дурдаст ташкил кардани нуқтаҳои фурӯши ангишту гази моеъ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ҳамзамон бо ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки махсусан дар ин фасли сол ба мурожиати мардум таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳамарӯза барои ҳалли мушкилоту масъалаҳои иҷтимоии онҳо тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

**Дӯстони азиз!**

Кишоварзони вилояти Суғд ҳамасола ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро афзоиш дода, танҳо дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи се миллиард сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ ба даст овардаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 112 фоизро ташкил медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки истифодаи самараноки замин, гирифтани ду-се ҳосил аз як қитъаи замин ва захираи дусолаи озуқаворӣ бояд ба фаъолияти мунтазами субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳар як оила табдил ёбад.

Зеро имрӯз дар натиҷаи таъсири манфии камобиву хушксолӣ дар минтақаҳои гуногуни сайёра ва тадриҷан камшавии ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли гандум, ба баландшавии нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти озуқаворӣ оварда расонидааст.

Аз ин рӯ, ҳамаи сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ, масъулону фаъолон ва роҳбарони ҳар як хоҷагии кишоварзиро зарур аст, ки ба масъалаи таъмини амнияти озуқавории кишвар аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намуда, ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, инчунин сари вақт ҷамъоварӣ намудани ҳосил ва таъмин намудани талаботи бозори истеъмолии кишвар мунтазам чораҳои судманд андешанд.

Дар вилоят имсол нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз панҷ ҳазор гектар майдони кишти умумии зироатҳо кам гардидааст.

Коҳиш ёфтани майдони кишти зироатҳо асосан аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Айнӣ, Ғончӣ, Ҷаббор Расулов ва Спитамен ба вуҷуд омадааст.

Ҳамчунин соли ҷорӣ дар микёси вилоят зиёда аз ҳашт ҳазор гектар замини корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст ва беш аз 28 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор доранд.

Аз ин лиҳоз, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати ҳар чӣ бештар ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои киштнагардида ва истифодаи самараноки онҳо чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Илова бар ин, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истеҳсол, захира ва дар ин замина таъмин намудани бозори истеъмолии мамлакат бо маҳсулоти дохилӣ ҷиҳати дар мухлатҳои кӯтоҳтарин ва бо риояи агротехника гузаронидани кишт, дастрас ва захира намудани миқдори зарурии сузишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва нуриҳои маъданӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Барои сари вақт ҷамъоварӣ ва захира намудани маҳсулоти кишоварзӣ, ба роҳ мондани нигоҳдорӣ ва коркарди он тадбирҳо андешанд.

Бояд қайд намуд, ки бо қарорҳои Ҳукумати кишвар дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои таъмини эҳтиёҷмандон бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ беш аз даҳ ҳазор гектар замин ҷудо карда шудааст.

То аввали октябри соли равон беш аз шаш ҳазор гектари он ба эҳтиёҷмандон тақсим гардидааст, ки дар маҷмӯъ 63 фоизи заминҳои ҷудошударо ташкил менамояд.

Тибқи маълумотҳо дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Ғончӣ ва Шаҳристон ҳангоми омода намудани ҳуҷҷатҳои заминсозӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор ба камбудиҳо роҳ дода шудаанд, ки дар натиҷа заминҳои ҷудошуда ба мавзеъҳои хатарноки геологӣ рост омадааст.

То ҳанӯз ҳолатҳои ришвахитониву тамаъҷӯйӣ аз ҷониби масъулони Кумитаи заминсозӣ дар маҳалҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, нодуруст тақсим кардани заминҳои ҷудогардида ва сарфи назар гардидани оилаҳои воқеан ба замин эҳтиёҷдошта ба мушоҳида мерасанд.

Таъкид месозам, ки замин тибқи қонун моликияти истисноии давлат маҳсуб меёбад ва ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки бо сӯистифода аз ваколатҳои мансабиаш заминро ғайриқонунӣ ба аҳолӣ тақсим намояд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва фаъолони шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати ба роҳ мондани тақсимоти одилонаи замин, алалхусус ба оилаҳои ҷавону воқеан эҳтиёҷманд додани замин, инчунин барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти тарбияи насли наврас ва ҷавонон ҳанӯз ҳам баъзе норасоиву камбудиҳо ҷой доранд. Солҳои охир падидаи номатлуби худкушӣ дар байни сокинони вилоят, хусусан ҷавонон рӯ ба афзоиш дорад.

Масалан, аз аввали соли ҷорӣ то имрӯз танҳо дар вилояти Суғд беш аз 220 ҳолати худкушӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар байни фавтидагон ҷавонони синну соли гуногун низ кам нестанд.

Ҳол он ки чунин ҳолатҳо дар минтақаҳои дигари кишварамон камтар ба мушоҳида мерасад.

Яке аз сабабҳои рух додани чунин ҳодисаҳо аз нокифоя будани корҳои тарбиявию фаҳмондадиҳӣ ва сатҳи пасти фарҳанги оиладорӣ маншаъ мегирад.

Бинобар ин, ба вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ, кумитаҳо оид ба корҳои дин, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, инчунин бо ҷалби шахсиятҳои муътабари шаҳру ноҳия ва шаҳраку ҷамоатҳо корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ, махсусан оилаҳои ҷавон ҷиҳати аз байн бурдани чунин ҳодисаҳои номатлуб пурзӯр намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯзҳо ҳамаи мо дар арафаи истиқболи санаи муҳиму тақдирсози таърихи навини Ватани азизамон – бистумин солгарди Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии мамлакат қарор дорем.

Иҷлосияи мазкур воқеан дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлолу ягона ва демокративу дунявии тоҷикон нақши калидӣ дорад, зеро афрохтани парчами сулҳу субот, фароҳам овардани фазои эътимоду боварӣ дар байни мардум ва муҳимтар аз ҳама, интихоби роҳи дурусти минбаъдаи давлатдориамон маҳз аз ҳамин ҷаласаи таърихӣ маншаъ мегирад.

Давлат ва Ҳукумати кишвар дар оянда низ ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи тамоми минтақаҳои сарзамини муқаддасамон ҳамаи имкониятҳои мавҷударо равона месозад.

Боварӣ дорам, ки дар ин раванд тамоми сокинони Ватани азизамон, аз ҷумла аҳолии сарбаланду шарафманди вилояти Суғд бо заҳмати ватандӯстонаи хеш саҳми худро мегузоранд.

Дар фарҷоми сухан ба шумо – ҳозирини гиромӣ, тани сиҳату бароря кор ва ба сокинони иззатманди вилояти Суғд хушрӯзиву рӯзгори обод, зиндагии шоиста ва бурдбориҳои тоза орзумандам!

**Ҳамеша шоду пирӯз бошед!**

### МАШВАРАТИ КОРӢ БО РОҲБАРИЯТ ВА ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**Нимаи дуюми рӯзи 29 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарият ва фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят дар нуҳ моҳи соли равон ва нақшаҳои оянда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии таҳлилӣ аз рушди босуботи иқтисодиёту иҷтимоиёти вилояти Суғд дар маҷмуъ изҳори қаноатмандӣ карда, доир ба таъмини вусъати бештари корҳо дар назди масъулин вазифаҳои мушаххас гузошт.

Аз ҷумла зикр гардид, ки дар нуҳ моҳи соли равон ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят қариб ба 5,8 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он 8,8 фоизро ташкил дод ва қисми даромади буҷети вилоят дар ин давра ба андозаи беш аз 111 фоиз иҷро шудааст. Дар баробари ин, бо ишора ба иҷро нагардидани нақшаи даромади буҷет аз ҷониби баъзе шаҳру ноҳияҳо ва вуҷуд доштани имкону захираҳои иловагӣ ба сохтору мақомоти дахлдор дастур дода шуд, ки барои таъмини босифату саривақтии нақшаҳои даромади буҷети давлатӣ, инчунин кам намудани бақияпулиҳо аз ҳисоби қарзҳои андоз чораҳои мушаххас андешанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав ва аз 21 то 10 адад кам шудани намудҳои андоз ёдовар шуда, ба сохторҳои дахлдор супориш дод, ки барои ба роҳ мондани низоми нави андозбандӣ миёни кормандони соҳа ва андозсупорандагон корҳои омӯзишиву фаҳмондадиҳиро ба таври васеъ ба роҳ монанд.

Ҳамчунин зарурати истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои буҷетӣ бори дигар таъкид гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2011 ва нуҳ моҳи соли равон бунёд ёфтани 153 корхонаи нави саноатиро бо чор ҳазор ҷойи корӣ нокифоя номида, таъкид дошт, ки аз имкониятҳои фаровони вилоят дар ин самт боз ҳам васеъ бояд истифода намуд.

Супоришҳои мушаххаси дигар доир ба дастгирии ҳамҷонибаи соҳибкории хусусӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ, зиёд намудани ҳаҷми қарзҳои хурди бонкӣ, кушодани филиалҳои бонкҳо ва созмонҳои қарзӣ дар тамоми гӯшаю канори вилоят ва ҷумҳурӣ, вусъат додани корҳои кишоварзӣ, аз ҷумла ҷамъоварии пурраи ҳосили фаровони меваю сабзавот ва пахта, беҳсозии сифати таълиму тарбияи насли наврас, пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ, пешгирӣ аз нашъамандию нашъаҷаллобӣ барин тамоюлҳои номатлуб ва дигар корҳои зарурӣ дода шуд.

Дастуру ҳидоятҳои дигар ҳамчунин зимни шунидани ахбори раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода ва роҳбарони як қатор шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла ба соҳибкорони фаъоли вилояти Суғд доир ба афзун намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҷойҳои корӣ дода шуд.

*www.prezident.tj*

---

(Идома аз саҳ. 4)

Дар ин филиали бонкӣ 65 нафар кадрҳои баландихтисоси маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мешаванд.

Чунонки иттилоъ дода шуд, сандуқи қарзии филиал дорои 7,7 миллион сомонӣ аст ва то охири сол боз як баробар зиёд карда мешавад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки барои Истаравшан барин шаҳри саноатӣ ва дорои соҳибкорони сершумор ин маблағ ҳам кам аст ва бояд чандин баробар зиёд бошад.

Филиали мазкури бонкӣ ба мизоҷони соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорони хурду миёнаи хусусӣ беш аз 10 намуди хизматрасониро пешкаш менамояд.

***

# ГУЗОРИШ АЗ ҶАРАЁНИ САФАРИ КОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД



**28 октябри соли 2012 ҳамчунин дар шаҳри Истаравшан бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои чорошёнаи Маркази тиҷоратию хизматрасонии «Ситораи Шарқ» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.**

Чунонки иттилоъ дода шуд, бинои хуштарҳу зебои ин марказ бо харҷи беш аз 2,5 миллион сомонӣ аз ҷониби соҳибкори ҷавони маҳаллӣ Ҳоким Ҳомидов бунёд ёфта, дар он 120 нафар соҳиби кори доимӣ шудаанд.

Дар ошёнаи якуми он толори омодасозӣ ва фурӯши либосҳои миллии занона ва арӯсӣ бо гулдӯзию зардӯзӣ ва толори фурӯши либосвории дӯхти корхонаҳои саноатии ватанӣ ҷойгир шудааст. Таваҷҷуҳи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро либосҳои хуштарҳи пахтагину пашмин, ки дар корхонаҳои санаоатии шаҳри Истаравшан дӯхта шудаанд, ҷалб намуд. Тавре зикр гардид, ҳоло дар шаҳри Истаравшан беш аз 30 корхонаи саноатӣ фаъолияти босамар доранд, ки аксари онҳо хусусӣ мебошанд. Ҳиссаи соҳибкорони хусусӣ дар ташаккули буҷети маҳаллӣ низ хеле бузург аст.

Дар ошёнаи дуюми марказ тарабхонаи бо нақшу нигор ва кандакории миллии тоҷикӣ ороёфта ҷойгир шудааст, ки басо зебою дилкаш аст. Дар он аз ҷониби ин соҳибкори саховатманд барои 11 ҷуфти ҷавонони навхонадор ва 33 нафар писарча аз оилаҳои ниёзманд тӯйи арусӣ ва хатнасури якҷоя ороста шуд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаашон тухфаҳои хотиравӣ тақдим намуда, онҳо ва волидону наздиконашонро бо ин рӯзи фараҳбахш табрику таҳният гуфт.

Дар ошёнаи сеюми бино коргоҳи дӯзандагӣ ташкил шудааст, ки дар он 70 нафар занону духтарон ба кори доимӣ ҷалб шудаанд. Аз нисф зиёди онҳо аз оилаҳои камбизоат мебошанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти шаҳри Истаравшан дастур дод, ки дӯхти либоси мактабиро пурра дар дохил ба роҳ монанд, зеро шаҳр беш 50 ҳазор мактаббача дорад ва маблағи хеле зиёди барои хариди либоси онҳо сарфшаванда набояд берун равад.

Ошёнаи чоруми бино ба тарзи толори варзишӣ ороста шуда, дар он варзишгарони зиёд машғули машқу тамрин буданд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти шаҳр дастур дод, ки ба ин соҳибкор барои бунёди як толори хуби варзишӣ дар ҷойи дигар замин ҷудо намояд. Дар ин толор бошад, маслиҳат дода шуд, ки боз як коргоҳи дӯзандагӣ омода карда шавад, то ки беш аз 70 нафари дигар бо ин кори сердаромад таъмин гарданд.

***

**Худи ҳамон рӯз аз шаҳри Истаравшан Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳраки Консойи шаҳри Қайроққум омад.**

Мардуми шукргузори шаҳраки кӯҳкорони Консой ӯро бо арзи сипосу шодмонӣ аз сиёсати ваҳдатоварӣ ва бунёдкорию созандагӣ бо самимияти баланд истиқбол гирифтанд.

Дар шаҳраки Консой Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба корхонаи саноатии «Апрелевка», ки бо сармоягузории муштараки ватанӣ ва хориҷӣ аз нав фаъолияти пурсамар ба роҳ мондааст, ташриф овард. Тавре зикр гардид, дар заминаи ин корхонаи дар гузашта овозадор бо сармоягузории муштараки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати канадагии «Далф» ширкати муштараки истеҳсоли тиллою нуқра бунёд ёфтааст, ки дар он беш аз 850 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мебошанд. 51 фоизи саҳмияҳои корхона аз они Ҳукумати Тоҷикистон ва 49 фоиз аз ширкати «Далф»-и Канада аст.

Тавре иттилоъ дода шуд, ҳоло дар ин корхона солона 450 кг тилло ва 1,5 тонна нуқра истеҳсол карда мешавад. Барои тавсеа додани кор ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла вусъат додани корҳои геологӣ ва аз худ намудани қитъаҳои нави конҳои тиллою нуқра то соли 2015 бояд 100 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ карда шавад. То соли 2015, тибқи нақша, бояд истеҳсоли солонаи тилло ба як тонна ва нуқра ба се тонна расонда шавад. То он вақт шумораи коргарон ба 1200-1300 нафар хоҳад расид. То ҳол барои ташкили хуби истеҳсолот панҷ миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ шудааст ва то охири соли равон боз панҷ миллиони дигар сарф мешавад.

Саҳми корхонаи «Апрелевка» дар ташаккули буҷети давлатӣ намоён аст, зеро корхона танҳо дар нуҳ моҳи соли равон ба буҷети давлат 13 миллион сомонӣ андоз супоридааст. Ғайр аз ин, барои ободонии шаҳраки кӯҳкорони Консой ҳар сол аз 800 ҳазор то як миллион сомонӣ маблағгузорӣ мекунад.

Роҳбарияти корхона барои коргарон ошхонаи зебо, ҳаммом ва дигар иншооти ёрирасон низ бунёд намудааст. Тавре аз суҳбат бо коргарон маълум шуд, маоши онҳо аз 1200 то 2000 сомониро ташкил медиҳад. Роҳбарияти корхона бо дастури Сарвари давлат уҳдадор шуд, ки аз 1 ноябри соли равон маоши коргаронро 30 фоиз зиёд намояд.

***

**Ҳамчунин 28 октябри соли 2012 дар шаҳраки Консой бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як корхонаи хурди заргарӣ бо номи «Зари Тоҷик» ифтитоҳ ёфт.**

Тавре иттилоъ дода шуд, ин корхона ҳам бо саҳмгузорӣ ва дастгирии ширкати муштараки «Апрелевка» аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд ёфта, дар он беш аз 40 нафар заргарон, асосан занону духтарон ба кор ҷалб шудаанд. Маоши онҳо вобаста ба сатҳи касбият, сифат ва ҳаҷми корашон аз 500 то панҷ ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти фаровонии ашёи хом, яъне тиллою нуқра ва металҳою сангҳои қиматбаҳо дар Тоҷикистон ва ҳам талаботи зиёд дар бозори дохилу хориҷи кишвар ба ороишоту ҷавоҳирот, ба роҳбарияти корхона дастур дод, ки заминаи истеҳсоли маҳсулоти заргариро зиёд намуда, дар давоми ҳашт моҳи оянда шумораи коргаронро ба 200 нафар расонанд.

Дар пахлуи корхонаи «Зари Тоҷик» ҳамчунин як коргоҳи дӯзандагӣ ифтитоҳ ёфт, ки дар он 30 дӯзандаи маҳаллӣ соҳиби кори доимӣ шуданд.

Тавре аён гардид, дар ин ҷо дӯхти либосҳои гуногуни корӣ, низомӣ, хилъатҳои кормандони соҳаи тиб ва озмоишгоҳҳои илмию амалӣ, болопӯши ҷойхоб ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Роҳбарияти коргоҳ азм доранд, ки дӯхти либоси мактаббачагонро низ ба роҳ монда, ин бозори сердаромадро ба даст дароранд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти корхона дастур дод, ки маоши коргаронро аз 1 ноябри соли равон 20 фоиз зиёд намоянд.

Дар саҳни ҳавлии ин корхонаҳо аз ҷониби роҳбарияти корхонаи «Апрелевка» тӯйи арӯсии ду ҷуфт навҷавонони хуштолеъ ва хатнасури 15 нафар писарча аз оилаҳои ниёзманд ороста шуд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи онҳо тухфаҳои хотиравӣ тақдим намуда, ба соҳибкорони саховатманди маҳаллӣ, ки ин иқдоми хайрхоҳонаи Сарвари давлатро пайваста дастгирӣ менамоянд, арзи сипосу қадрдонӣ кард.

(Идома дар саҳ. 6)

# ГУЗОРИШ АЗ ҶАРАЁНИ САФАРИ КОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**(Идома аз саҳ. 4, 5)**

**Бисту нуҳуми октябри соли ҷорӣ боздиди кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд идома ёфт.**

Дар яке аз маҷмааҳои истеҳсолии минтақаи саноатии қисмати шарқии шаҳри Хуҷанд бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ду коргоҳи нави истеҳсолӣ, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Абдухалил Раҳимов бунёд ёфтааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт ва бо ин шумораи коргоҳҳои он ба ҳашт адад расид. Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар коргоҳҳои гуногуни ин маҷмаа беш аз 200 нафар соҳиби кори доимӣ шудаанд.

Нахуст бо буридани лентаи рамзӣ коргоҳи дуюми дӯзандагии ин маҷмааи саноатӣ ба кор даровarda шуд, ки дар он 100 нафар занону духтарон ба кори доимӣ ҷалб гардиданд. Дар ин коргоҳ, асосан либосҳои мактабӣ ва ҳамчунин шимҳои ҷинсӣ барои кӯдакон ва занону мардон дӯхта мешаванд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба намудҳои гуногуни либоси мактабӣ, ки дар даромадгоҳи коргоҳ ба намоиш гузошта шуда буд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бори дигар таъкид дошт, ки дӯхти тамоми либоси мактабӣ бояд дар корхонаҳои ватанӣ ба роҳ монда шавад.

Тамоми либосвории ин корхона аз матоъҳо ва риштаҳои сирф пахтагини истеҳсоли корхонаҳои ресандагию бофандагии ватанӣ дӯхта мешаванд. Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар ин корхона истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии пахтагин, ки аз ҷумлаи талаботи доимии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз масъулони соҳаи саноати кишвар аст, аз аввал то охир пурра ба роҳ монда шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз коргоҳи қаблии дӯзандагии ин маҷмаа, ки барои дӯхти кимано ва дигар анвои либоси варзишӣ махсус гардонида шудааст, дидан карда, ба кори онҳо баҳои баланд дод.

Иттилоъ дода шуд, ки дар ҳар ду коргоҳи дӯзандагии ин маҷмаа дар як сол беш аз 80 ҳазор маҷмӯъ либосҳои ҷинс, варзишӣ ва мактабӣ истеҳсол мешавад.

Маҳсулоти либосвории ин корхона ба талаботи ҷаҳонии сифат ҷавобгуй буда, беш аз 90 фоизаш ба хориҷи кишвар, аз ҷумла ба давлатҳои Аврупо, содирот мешавад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти талаботи зиёд ба либосвории пахтагин дар дохил ва хориҷи кишвар, ба роҳбарияти корхона маслиҳат дод, ки боз як коргоҳи дигари дӯзандагӣ бо 100 ҷойи корӣ бунёд намоянд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини ҷумҳуриявӣ дастур дод, ки мағозаҳои фирмавии ин корхона дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои калони кишвар кушода шаванд. Ба роҳбарияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва федератсияҳои варзишӣ дастур дода шуд, ки либосвории варзишгаронро аз ин ва дигар корхонаҳои ватанӣ харидорӣ намоянд.

Сипас, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо кори коргоҳҳои бофандагӣ шинос шуда, аз он изҳори қаноатмандӣ намуд, ки матоъҳои пахтагин барои ҳар ду коргоҳ дар ҳамин ҷо ва аз риштаи корхонаҳои ватанӣ, аз ҷумла корхонаҳои «Неку Хуҷанд», «Олим-текстайлз» ва «Спитамен текстайлз» бофта мешавад.

Зимни боздид аз коргоҳи истеҳсоли қуттиҳои картонӣ зикр гардид, ки дар ин ҷо дар як сол беш аз 120 ҳазор дона чунин маҳсулот бо тарҳу намо ва андозаи гуногун барои басту банди меваю сабзавот ва дигар анвои хӯрокворӣ тавлид меёбад. Ин қуттиҳо ҳам аз ашёи хоми табиӣ бе истифода аз моддаҳои кимиёӣ истеҳсол мешавад.

Дар як коргоҳи корхона истеҳсоли пенопласт ва зарфҳои калони пластикӣ ба роҳ монда шудааст. Зикр гардид, ки ин навъҳои маҳсулот то ин вақт пурра аз хориҷи кишвар ворид мешуд.

Бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ин маҷмааи саноатӣ як коргоҳи истеҳсоли коғаз расман ба кор даровarda шуд. Бо хушнудӣ таъкид гардид, ки ин нахустин корхонаи истеҳсоли коғаз дар Тоҷикистон мебошад.

Тавре зикр гардид, дар ин коргоҳ дар як шабонарӯз беш аз 50 тонна коғаз тавлид мешавад. Мавриди зикри хос аст, ки дар ин ҷо истеҳсолоти бепартов ба роҳ монда шудааст, зеро коғази ин корхона аз коғазпораҳо ва картонҳои партов истеҳсол мегардад. Партовҳои истеҳсолии худи коргоҳ низ гаштаю баргашта аз нав коркард мешавад.

Роҳбарияти корхона ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин иттилоъ доданд, ки дар зарфи як соли оянда боз як коргоҳи дигари ба ин монанд бунёд намуда, истеҳсоли маҳсулоти коғазини рӯзгор, аз ҷумла дастпокҳои гигиениро, ба роҳ мемонанд.

Бо маслиҳати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти корхона тасмим гирифт, ки аз якуми ноябри соли равон маоши коргаронро 20 фоиз афзун намояд. Иттилоъ дода шуд, ки маоши онҳо 20 фоизи дигар моҳи ноябри соли оянда зиёд карда мешавад.

Бо хушнудӣ зикр гардид, ки солҳои охир бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дар ҷумҳурӣ ва хусусан дар вилояти Суғд, авҷ гирифтааст. Аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки танҳо дар шаҳри Хуҷанд дар зарфи нуҳ моҳи соли равон 30 корхонаи нави саноатӣ аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ бунёд ёфтааст. Ин аст, ки имрӯз 47 фоизи истеҳсолоти саноатии шаҳри Хуҷанд ба бахши хусусӣ рост меояд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки ин тамоюли судманд бояд аз ҷониби масъулини давлатӣ ҳамаҷониба мавриди дастгирӣ ва тарғибу ташвиқ қарор дошта бошад, то ин ки соҳибкорони ватанӣ ба рушди соҳаи саноати кишвар бештар ҳавасманд гарданд.

Соҳибкорони маҳаллие, ки ин коргоҳҳои истеҳсолиро бунёд намудаанд, дар ҳузури Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои чор ҷуфти навхонадорон ва 31 нафар писарча аз хонаводаҳои ниёзманд тӯйи арӯсӣ ва хатнасури дастаҷамъӣ оростанд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз ин амали саховатмандонаи онҳо изҳори хушнудӣ карда, ба ҷавонони навхонадор ва волидону наздикони писарчаҳо туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуд. Онҳоро ҳамчунин бо ин рӯйдоди пурфараҳ табрику таҳният гуфта, аҳли толор ва кулли мардуми кишварро бори дигар ба танзими дурусти расму оини мардумӣ ва худдорӣ аз зиёдаравию исрофкорӣ ҳидоят намуд.



***

**Худи ҳамон рӯз дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як мактаби хусусии таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.**

Чуноне иттилоъ дода шуд, ин мактаб аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ – падару писар Абдуалӣ ва Абдумалик Қурбоновҳо бунёд ёфта, бо 25 синфхонаи зебою муҷаҳҳаз барои 500 нафар хонандагони хушлаёқат дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Тавре зикр гардид, ин мактаб дар асоси ҳидоятҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба афзун намудани мактабҳои хусусӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас бунёд ёфтааст.

Ба иттилои роҳбарияти мактаб, омӯзгорону хонандагон тавассути озмун қабул мешаванд. Дар он 65 нафар муаллимони соҳибтаҷрибаю хушсалиқа ба кор қабул шудаанд. Маоши миёнаи омӯзгорон ба 1200 сомонӣ баробар аст.

Хонандагони мактаб асосан бо тамоюли гуманитарӣ таҳсил намуда, бештар ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ, англисӣ ва чинӣ машғуланд. Ошхонаи мактаб бо 200 ҷойи нишаст дорои шароити хуби таомпазӣ, санитарию гигиенӣ ва ошпазҳои соҳибтаҷриба мебошад. Толори маҷлисии мактаб дорои 300 ҷойи нишаст ва шароити хуби зарурӣ барои гузаронидани дарсҳои умумӣ ва маҳфилҳои гуногуни илмию таълимӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Сипас, аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон як толори бузурги варзишӣ ифтитоҳ ёфт.

Тавре аён гардид, ин толор аз ҷониби падари гӯштигири номдори тоҷик Комроншоҳи Устопириён, ки чемпиони секаратаи ҷаҳон доир ба гӯштии самбо ва ҷоизадори бисёр мусобиқаҳои дигари минтақавию ҷаҳонӣ мебошад, бунёд ёфтааст.

Хотиррасон бояд намуд, ки ин мард - варзишгари собиқадор, мураббии намудҳои гуногуни гӯштӣ, аз ҷумла самбо 20 –уми декабри соли 2010 дар мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони варзишгарони кишвар уҳдадор шуда буд, ки аз ҳисоби худаш ва дигар дӯстони дӯстдори гӯштиаш дар шаҳри Хуҷанд як толори калони варзишӣ бунёд мекунад.

Зимни мулоқоти имрӯза бо хушнудӣ зикр гардид, ки ин ваъдаи ӯ амалӣ гардид ва дӯстдорони зиёди варзиш, пеш аз ҳама, гӯштигирон, соҳиби чунин толори зебову муҷаҳҳаз шуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо варзишгарони дар ин ҷо ҷамъомада суҳбати ошкорову самимӣ анҷом дода, онҳоро ба машқу тамрини мудом ва муаррифии шоистаи Тоҷикистони азиз дар арсаи минтақа ва ҷаҳон ҳидоят намуд.

Бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар паҳлуи маҷмааи варзишии «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд, ҳамчунин майдони яхи сунъӣ ифтитоҳ ёфт.

Мавриди баҳрабардории ҳамагон қарор гирифтани чунин майдон, албатта, боиси шодию фараҳи дӯстдорони чунин навъи варзиши зебою мавзун гардид.

Дар ин ҷо барномаи рангини рақси болои ях намоиш дода шуд.

Тавре зикр гардид, ин майдон бо харҷи 2,5 миллион сомонӣ дар масоҳати 1200 метри мураббаъ замин бунёд ёфтааст. Бару дарозии он 30х40 метр мебошад.

Бо хушнудӣ, ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки солҳои охир бо дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бунёди иншооти гуногуни варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар авҷ гирифтааст. Аз ҷумла танҳо дар шаҳри Хуҷанд дар нуҳ моҳи соли равон дар баробари ин майдон боз 12 майдончаи варзишӣ ва бозии кӯдакон дар назди биноҳои истиқоматӣ бунёд ёфтааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз ин раванд, дар маҷмӯъ, изҳори қаноатмандӣ карда, ҳамзамон ба муҳайёсозии шароити боз ҳам бештару беҳтар барои тарбияи варзишгарони наврасу ҷавони кишвар ба масъулини ҷумҳуриявӣ ва вилоятию маҳаллӣ дастуру ҳидоятҳо дод.

*www.prezident.tj*

---

## ●Ба истиқболи Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон

Конститутсия санади асосиест, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар он сабт шудааст. Бешубҳа, саодату хушбахтии ҳар халқ ба дурустии матни Конститутсия ва татбиқи он вобаста аст.

# САНАДИ МУҲИМ ВА АСОСӢ

Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи он мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон чун сарчашмаи қонунгузории миллии мо, ҳимояи ҳуқуқи инсонҳоро нисбати вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк бевосита ва тавассути қонунҳои дигар, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад.

Масалан, тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 143), ки барои қасдан, бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеи шахсӣ, амволӣ ё мансабӣ, маҳалли истиқомат, муносибат ба дин, ақида, марбут будан ба аҳзоби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст, метавон чандин қонуншиканиҳоро нисбати шаҳрвандон пешгирӣ намуд. Тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 ворид карда шуд, дар қисми ҳокимияти иҷроия асосан марбут ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, ки онҳо муҳлати салоҳияти Президентро аз 5 то 7 сол зиёд намуда, ба ӯ ҳаққи мустақилона таъсис ва барҳам додани вазорату идораҳо, кумитаҳои давлатӣ, ба раъйпурсии умумихалқӣ баровардани масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, таъин намудани намояндагони салоҳиятдори Тоҷикистон (сафирон) ва ғайраро додааст.

Дар татбиқи амалии адолат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд нақши ҳокимияти судӣ хеле бузург аст. Бо мақсади таъмини мустақилияти судяҳо тибқи тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2003 ворид гардид, муҳлати ваколати судяҳо аз 5 ба 10 сол ва синни пешниҳод ба вазифаи судягӣ то 65- солагӣ муқаррар карда шуд. Дар ин замина барои такмил додани асосҳои ҳуқуқии ҳокимияти судӣ соли 2007-ум барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ қабул гардид, ки он, бешубҳа, дар рушду такомул ва тақвият ёфтани ин рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ нақши арзанда дорад. Ҳамчунин қабул гардидани як силсила қонунҳо, аз ҷумла кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, иқтисодӣ, граждани, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғайраҳо ба таҳкими ҳокимияти судӣ мусоидат намуд. Бояд ёдовар шуд, ки дар ин робита қисми зиёди ваколатҳои амрдиҳӣ доир ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтан, кофтукови манзил, ҳабси молу мулк, муваққатан аз вазифа дур кардан ва ғайраҳо тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз 1 апрели соли 2010 ба салоҳияти судҳо вогузор карда шудааст.

***Р. МИРЗОЕВ,***
***муовини раиси Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе***

---

Як гурӯҳ кормандони Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конгресси байналмилалии соҳавӣ баргаштанд. Ин ҳамоиши бонуфуз-Конгресси навбатии VI Федератсияи иттифоқҳои касабаи байналмилалии кормандони муассисаҳои давлатӣ ва хизматрасонии ҷамъиятӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия бо ширкати намояндагони 13 давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ, ки аъзои Шӯрои Федератсияи байналмилалӣ ҳастанд, баргузор шуд. Аз ҷумҳурии мо Д.А.Қаҳоров – раиси Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, И. Қосумбеков – раиси Кумитаи соҳавии ВМКБ, С. Шарипов – раиси Кумитаи соҳавии вилояти Хатлон, Ф.Н. Наҷмуддинов – раиси Кумитаи соҳавии шаҳри Душанбе ширкат варзиданд.

# Тоҷикистон дар ҷойи аввал

Президенти Федератсияи байналмилалӣ В.П.Савченко дар бораи фаъолияти Шӯрои Федератсия давоми панҷ соли охир ҳисобот дод.

Раиси Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. А.Қаҳоров доир ба фаъолияти кумитаи соҳавӣ суханронӣ карда, барои пешравии кори Федератсияи байналмилалӣ таклифу пешниҳодҳои ҷолиб иброз намуд. Сипас, дар Конгресс ҳайати нави Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи байналмилалии кормандони муассисаҳои давлатӣ ва хизматрасонии ҷамъиятиро интихоб карданд ва Д.А.Қаҳоров ба узвияти он шомил гашт.

Дар Конгресси VI байналмилалӣ бо пешниҳод ва хулосаи комиссияи махсус нишондодҳо ва корҳои назарраси Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро беҳтарин ҳисобида, бо Дипломи Федератсияи иттифоқҳои касабаи байналмилалии кормандони муассисаҳои давлатӣ ва хизматрасонии ҷамъиятӣ сарфароз гардониданд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

---

## МУСОБИҚОТИ ХОТИРМОН

Дар шаҳри Хоруғ мусобиқаҳои варзишӣ оид ба футбол, шашкаю шоҳмот, ки бо ибтикори вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал – лейтенанти милитсия Рамазон Раҳимов ташкил карда шуда буд, анҷом ёфт. Дар мусобиқаи шашкаю шоҳмот, ки дар боғи истироҳатӣ-фароғатии «Чорбоғ» доир гардид, беш аз 60 нафар варзишгарон аз шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Рӯшону Шуғнон ва Роштқалъа ширкат доштанд. Зимни ҷамъбасти мусобиқа аз рӯйи ин намудҳо Рамазон Раҳимов гуфт, ки ғолибу мағлуб дар мусобиқа набуд, ғолиби асосӣ дӯстию рафоқати байни ҷавонон буд.

Бозии футбол байни дастаи «Динамо»-и Вазорати корҳои дохилӣ ва тими яккачини шаҳри Хоруғ, ки дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Хоруғ бо иштироки мухлисони сершумор доир гашт, анҷомбахши ин мусобиқаҳо буд. Бозӣ хеле шавқовар ва мусовӣ анҷом ёфт.

Раиси вилоят Қодири Қосим ва вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимов ба беҳтарин варзишгарон диплому ифтихорномаҳо ва ҷому мукофотҳои хотиравиро тақдим намуда, изҳор доштанд, ки ҳадаф аз ташкили ин мусобиқот ҳар чӣ бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш, таҳкими дӯстию рафоқат байни онҳо мебошад.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ,***
***«Садои мардум»***

---

# Роҳбарони ПСС ИДМ дар шаҳри Душанбе

Чанде пеш дар Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат»-и шаҳри Душанбе ҷаласаи даҳуми Шӯрои роҳбарони палатаҳои савдо ва саноати давлатҳои иштирокчии ИДМ баргузор гардид. Пеш аз оғози ҷаласа намунаи маҳсулоти корхонаҳои пешқадами истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Ширин», «Гулистон», «Олим-Текстайл», «Оби зулол», «Нафиса», «Ёқут-2000» ва ғайра пешкаши ҳозирин гардонда шуд. Зимни ифтитоҳи ҷаласа раиси Шӯрои роҳбарони палатаҳои савдо ва саноати давлатҳои иштирокчии ИДМ, раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саид меҳмононро хайра мақдам гуфта, аз ҷумла иброз дошт, ки имрӯз дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ҷашнии Шӯро баргузор мешавад. Ин Шӯро ҳамчун ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ таъсис ёфта, давоми даҳ сол корҳои зиёдеро анҷом дод. Фаъолияти пурсамари аъзои Шӯро ба рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ, васеъ гардидани ҳамкориҳои минтақавӣ ва байнисарҳадӣ, омодасозии мутахассисони соҳаи тиҷорат, вусъати ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва ғайра мусоидат кард. Сипас, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон О.Ғ. Оқилов бо сухани табрикотӣ дар назди иштирокчиёни ҷаласа баромад карда, фаъолияти аъзои Шӯроро дар таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, рушди соҳибкорӣ дар давлатҳои иштирокчии ИДМ пурсамар ва нек арзёбӣ намуда, ба кори ширкаткунандагони ҷаласа ва фаъолияти минбаъдаи Шӯро барору комёбиҳо хост. Муовини раиси Кумитаи иҷроия- котиби иҷроияи ИДМ Анатолий Андреевич Дроня аз ташкили чунин як ҳамоиши бонуфуз дар шаҳри Душанбе ва саҳми аъзои Шӯро дар таҳкими ҳамкориҳо миёни халқҳои ИДМ изҳори хушӣ карда, доир ба фаъолияти як соли охири Кумитаи иҷроияи ИДМ маълумот дод.

«Даҳ соли натиҷагирии фаъолият ва дурнамои рушд. Мақоми Шӯрои роҳбарони палатаҳои савдо ва саноати давлатҳои иштирокчии ИДМ дар тақвияти чараёни ҳамгироиҳо дар фазои ИДМ»- чунин буд маърӯзаи асосии ҷаласа, ки аз рӯйи он муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. П. Кислякова баромад кард. Баъд оид ба фаъолияти дар зарфи даҳ сол анҷомдода ва нақшаҳои минбаъдаи хеш роҳбарони палатаҳои савдо ва саноати кишварҳои ИДМ, ки дар ин ҷаласа иштирок доштанд, ахбор доданд.

Дар охири ҷаласа аъзои фаъоли Шӯрои роҳбарони палатаҳои савдо ва саноати давлатҳои иштирокчии ИДМ бо дипломи Шӯро «Барои ширкати фаъол дар ташкили ярмарка – намоишгоҳҳо» ва медали ҷашнии «10- солагии Шӯрои роҳбарони палатаҳои савдо ва саноати давлатҳои иштирокчии ИДМ» сарфароз гардонида шуданд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

---

## «ЁВОН – ОРИЁН» - АСАРИ ТАДҚИҚОТӢ

Бо ташаббуси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Ассотсиатсияи публитсистони Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон дар маҷлисгоҳи хурди КВД КТН «Шарқи озод» муаррифии китоби нави тадқиқотии шоир ва журналист Убайдуллои Ширин «Ёвон – Ориён» доир гардид.

Дар маҳфил собиқ раиси ноҳияи Ёвон Шодавлат Шодавлатов, раиси ҳозираи ноҳия Раҷабалӣ Тағоев, ки китоб бо дастгирии бевоситаи онҳо таълиф ва тариқи нашриёти «Ирфон» нашр гардидааст, иштирок ва суханронӣ намуданд. Ҳамчунин Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Қурбони Собир, шоир Хайрандеш ва чанде дигарон оид ба таърихи таълиф, муҳтавои асар ва арзиши илмию фарҳангии он андешаҳои худро баён намуданд. Аҳли нишаст аз он изҳори хушҳолӣ намуданд, ки афзоиши асарҳои тадқиқотие чун «Ёвон – Ориён», ки таърихи бою рангин ва пур аз тазоду муаммоҳои замони гузаштаи Тоҷикистонро дар бар мегирад, хизмати арзандае барои миллату Ватани мо мекунад.

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***

---

# Асои сафед

***Ҷаро нанолам на дар дида нуре, на дар сина шуре надорам ман,***
***Ҷаро нагирям ман аз моҳу парвин, ки чашми ҷаҳонбин надорам ман.***

Ин сатрҳоро зимни ширкат дар маҳфиле, ки ташкилоти Ҷамъияти нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба муносибати рӯзи «Асои сафед», ки ҳар сол 15 октябр дар саросари ҷаҳон қайд карда мешавад, созмон дод, мушоҳида кардам. Байти зеринро бо чанд гуфторе дар ҳаққи онҳое, ки қобилияти маҳдуд доранд, дар як гӯшаи маҷлисгоҳе, ки ин маҳфил ороста шуда буд, насб кардаанд. Дар он ҳамчунин омадааст: «Рушандилон шахсонеанд, ки дар ботини онҳо ҳунару истеъдоди Худододӣ нуҳуфта аст».

Раиси ташкилоти номбурда Холмаҳмад Тенгниев зимни суханони ифтитоҳӣ ва самимонаи хайра мақдам гуфтани ҳозирин таъкид кард, ки дар замири нобиноён ганҷе ҳаст, ки мо бояд онро берун кунем ва ба нафъи ҷамъият равона созем. Воқеан, дар ҷараёни ҷамъомад бори дигар маълум гардид, ки онҳое, ки ба ҳукми тақдир аз қувваи босира маҳрум гаштаанд, низ метавонанд дар ҷамъият фаъол бошанд. Худи Холмаҳмад Тенгниев як ҷавонмарди хушҳолу серғайрат ва саводнок аст ва бо вуҷуди маҳрумият аз қувваи босира кӯшиш мекунад ба ҳамтақдирони хеш ҳамаҷониба кӯмак расонад, онҳоро ба меҳнати фоиданок ҷалб намояд. Аз ҷумла бо саъю талоши эшон ва дастгирию кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ташкилоти номбурда кори шоёну манфиатнокеро анҷом медиҳанд. Чуноне хабар дода шуд, бо дастгирии молиявии Дафтари намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон Конвенсияи ҳуқуқи инсон ва китобчаи «Ин дар бораи қобилият аст» бо ҳуруфоти брайлӣ ба чоп расид. Дар ҷараёни ҷамъомад ин ду дастури ҳуқуқӣ барои шахсони дорои қобилияти биноияшон маҳдуд муаррифӣ ва тақдим шуд. Роҳбари Дафтари намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон Лайлӣ Мулирӣ дар бораи ин ду китоб ва ҳамкориҳояшон бо ташкилоти Ҷамъияти нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ҳарф зад.

Ширкаткунандагони семинар-машварат доир ба мавзӯи «Баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқи нобиноён» ибрози назар карданд. Ба аҳли ҷамъомад, ки намояндагони вазорату идораҳо ва воситаҳои ахбори омма низ буданд, якчанд навори видеоӣ доир ба истеъдоди фавқулодда ва фаъолияти нобиноён пешкаш гардид. Қаҳрамонони ин наворҳо - шахсони қобилияти биноияшон маҳдуд ба аҳли ҷомеа муроҷиат менамоянд:

**Мо бо чашми дил мебинем!**
**Мо аз монеаҳо намеҳаросем!**
**Мо ҳам дар ҷомеа саҳм гузошта метавонем!**

Ин гуфтаҳо ҳамаи онҳоеро, ки Худованд ба онҳо чашми бино, ақли расо, шунавоӣ ва дигар неъматҳоро арзонӣ доштааст, ҳушдор медиҳад, ки шукргузор бошанд, ба қадри ин неъматҳои олӣ бирасанду зиндагии шоиста дошта бошанд ва дар навбати худ ба ашхоси маҳруму мазлум дасти кӯмак дароз намоянд.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

---

# ОБИ ГАРМ ВА ТАБИАТИ ДИЛКУШО



Оби Гарм яке аз осоишгоҳҳои машҳури Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар мавсими имсолаи истироҳатӣ ба ин макони хушобу ҳаво ва оби шифобахш беш аз 4,5 ҳазор нафар омада, истироҳат карда, саломатиашонро барқарор намуданд. Дар баробари сокинони минтақаҳои гуногуни кишвар ҳамзамон аз як қатор давлатҳои хориҷа, ба мисли Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой низ ба ин осоишгоҳ ташриф оварданд.

- Солҳои охир барои муҳайё кардани шароити хубтари кору фаъолият ва осоишу табобат кори зиёд ба анҷом расид. Хусусан баъд аз соли 2007 барои барқарорсозӣ, хариди воситаҳои зарурӣ, таҷҳизот, анҷому асбоби тиббӣ, таъмиру тармими бино ва роҳу гулгаштҳо маблағи зиёд сарф карда, осоишгоҳро ободу зеботар гардонидем. Дар натиҷа сол ба сол шумораи истироҳаткунандагон афзоиш меёбад, - мегӯяд иҷрокунандаи вазифаи директори осоишгоҳ Музаффар Лашкаров.

Вақте дар ин бора сӯҳбат мекардем, ба ҳуҷраи директор зани солхӯрдаи ситорагарми рус ворид гардида, бо лаҳни гуворо, ба забони тоҷикӣ салом дод.

- Ана ин кас пири кори мо - Морозова Олга Василевна, - муаррифӣ намуд М. Лашкаров. Маълум гардид, ки ин зан зиёда аз 40 сол инҷониб дар ин осоишгоҳ кору фаъолият мекунад. Шавҳараш – Маҳмадҷон Ҳайдаров низ собиқадори осоишгоҳ буда, ҳоло ҳам дар ин ҷо устои барқ аст. Онҳо соҳиби се фарзанданд. Олга Василевна пурра урфу одати тоҷиконро қабул кардааст, хеле хуб ба забони тоҷикӣ ҳарф мезанад, намозхон аст, рӯза мегирад. Ин зани ҳалиму меҳрубон алҳол муовини директор оид ба табобат аст, табиби хубу дардошност.

- Ба мисли Олга Василевна дар осоишгоҳ дигар табибону хизматчиёни собиқадор ва пуртаҷриба ҳам ифои вазифа мекунанд. Муомилаю муносибати хуби онҳо ва оби шифобахши Оби Гарм ин маконро шӯҳратманд гардонида, сафи муштариёнро зиёд намуд. Агарчи мавсими истироҳатӣ поён ёфта бошад ҳам, ҳамарӯза 40-50 нафар дар осоишгоҳ дам гирифта, саломатиашонро барқарор мекунанд, - иброз дошт Музаффар Лашкаров.

***К. БУРҲОНИДДИН,***
***«Садои мардум»***

---

## Навидҳо аз Роғун

### Ба зимистон омодагӣ ҷиддӣ аст

Дар шаҳри Роғун ба зимистон омодагии ҷиддӣ мебинанд. Тавре зимни суҳбат ба хабарнигори рӯзнома раиси шаҳр Шариф Файзибоевич Шарипов иброз дошт:

-Дар маркази шаҳр ва деҳоти он дар ҷараёни омодагӣ ба фасли сармо тадбирҳои зарурӣ андешида шуд. Барои давраи зимистон 600 тонна ангишт ва 400 метри мукааб ҳезум захира гардид. Тамоми мактабҳо таъмиру тармим, муассисаҳои тандурустӣ ва фарҳанг низ ба фасли сармо омода шуданд. Ба ин муассисот ва таълимгоҳҳо 684 тонна ангишт ворид карда шуд. Заҳматкашони хоҷагиҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ ба миқдори зиёд хошок захира карданд. Кормандони Корхонаи воҳиди давлатии «Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳр техникаю лавозимоти мавҷударо барои корҳои фаврӣ дар мавсими барфу борон омода ва маводи зарурӣ захира карданд.

### Саршумори чорво афзоиш ёфт

Дар ҳама шаклҳои хоҷагидории шаҳр саршумори чорво ва парранда афзоиш ёфт. Зиёдшавии саршумори чорвои калон дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 15,9 ҳазор сарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,5 ҳазор сар зиёд мебошад. Саршумори моли майда бошад, нисбат ба соли гузашта 14 ҳазор сар зиёд гардид. Соҳаи занбӯриасалпарварӣ низ рушд ёфта, айни замон ба 1905 оила расид.

### Биноҳои хуштарҳ қомат меафрозанд

Дар маркази шаҳр бинои хуштарҳу зебои дуошёна қомат афрохт. Он меҳмонхона дар назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр мебошад, ки рӯзҳои наздик мавриди истифода қарор мегирад.

Дар шаҳр 25 корхонаи хурду бузурги сохтмонӣ ба қайд гирифта шуда, ду ададаш ҳамчун фармоишгар фаъолият менамояд.

### Мактабҳои нав дар деҳаҳои баландкӯҳ

Дар деҳаи Ҷавонии деҳоти Қади об сохтмони варзишгоҳ идома дорад. Ин иншоот идомаи бунёди таълимгоҳи нави замонавӣ барои 372 нафар хонанда мебошад, ки он соли ҷорӣ ба истифода дода шуд ва айни ҳол фарзандони сокинони ин деҳаи баландкӯҳ дар синфхонаҳои васею барҳавои он таҳсил доранд.

Чанде пеш як мактаби ибтидоӣ, дорои чор синфхона, бо майдончаи варзишӣ дар деҳаи Печакзор ба истифода дода шуд. Ин таълимгоҳ бо маблағи марди саховатпеша, соҳибкор Шарифбеги Давлат бунёд гардид.

### Роҳҳо ободтару ҳамвортар мешаванд

Ҷавонӣ яке аз деҳаҳои сераҳолии шаҳри Роғун ба ҳисоб меравад. Айни ҳол роҳи шашунимкилометрае, ки ин деҳаро бо шоҳроҳи асосӣ пайванд мекунад, бо дастгирии Муассисаи давлатии «Маркази идоракунии лоиҳаи рушди деҳот» таъмиру тармим мешавад. Барои таҷдиди роҳи мазкур 1212,5 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

***Б. ИСМАТУЛЛОҲ, «Садои мардум»***

● Ба истиқболи ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# «Чанори соябон»

## ё ҳиссае аз корномаҳои фаромӯшшудаи як ватанхоҳи асил

**«Фаромӯш набояд кард, ки таърих як фазои холӣ нест, балки онро одамони зинда ба вуҷуд меоранд. Вале мо дар бораи абармардони миллатамон маълумоти кофӣ надорем.**

**Вақти он расидааст, ки силсилаи зиндагиномаи фарзандони бузурги миллати хешро ба вуҷуд оварем ва ёди онҳоро кунем».**

***Эмомалӣ РАҲМОН***

***Аз мулоқот бо зиёиён, 20 марти соли 2011***

Оё Қасри «Арбоб» дар Тоҷикистон «ҳамто» - и худро дорад? Он дар куҷост ва бунёдкораш кист? Магар намесазад, ки мо дар остонаи ҷашни муборакки 20 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ному кори аз ёдҳо зудудаи як вакили Шӯрои Олии РСС Тоҷикистонро зинда намоем?

Имрӯзҳо Қасри «Арбоб», ки бунёдгузораш ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, шахсияти бузургу шинохтаи кишвар Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев аст, ба таҷлили ҷашни муборакки 20 –солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ҳамаҷониба мебинад, зеро 20 сол муқаддам дар ин кохи нуру саодат Иҷлосияи мазкур ба кори худ оғоз намуд ва ин тадбири сиёсии сарнавиштсоз ба сулҳу салоҳ, осоиштагӣ ва пешрафту тараққии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошт.

Шодравон Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев ин иншооти азаматро бо мақсади рифоҳу саодати мардуми қаламрави колхози машҳури худ бунёд карда буд ва ин даргоҳи муборак дар оғози Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон поягузори тинҷиву осоиштагии тамоми мардуми Тоҷикистон гардид. Аз ин рӯ, мардуми Тоҷикистон (ва берун аз он ҳам) Қасри «Арбоб»-ро, ки ба номи бунёдгузораш Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев гузошта шудааст, имрӯз боз бештар мешинохтагӣ шудаанд ва он ҳоло вирди забонҳост.

Мегӯянд, ки тарҳи Қасри «Арбоб» дар асоси лоиҳаи Кохи меъмории «Петергоф» ё худ «Петродворетск»-и Санкт-Петербург сохта шудааст. Дар ҳақиқат, Қасри «Арбоб» бо биноҳои муҳташам, саҳни калону васеи дарахтзораш, бо фаввораву гулгашту гулу гулбуттаҳояш он кохи машҳури русиро ба хотир меоварад.

Нусхаи дигари Қасри «Арбоб» (фақат дар шакли хурдтараш) дар шаҳри Истаравшан мавҷуд аст, ки он солҳои 1958-1961 аз тарафи раиси ҳамонвақтаи колхози овозадори ба номи «Роҳи Ленин»-и шаҳри Ӯротеппа ( ҳозира Истаравшан) Раҳмон Маҳмудов эъмор шудааст.

Раҳмон Маҳмудов кист ва қасри мазкур чӣ тавр ва бо чӣ гуна маблағ сохта шудааст?

Раҳмон Маҳмудов аз шахсиятҳои ҷонфидову ватандӯсти тоҷик аст, ки дар қарни гузашта бо меҳнатдӯстӣ, далериву шуҷоату нотарсӣ, донишу истеъдоди зотӣ, ташкилотчигиву чашмикордонии хеш ном баровarда буд.

Номбурда соли 1920 дар деҳаи Ботағои шаҳри имрӯзаи Истаравшан, дар оилаи деҳқон ба дунё омада, дар синни ҳаштсолагӣ аз падар маҳрум мондааст ва бори гарони саробонии модару як хоҳару додар ва амаки барҷомондаю аҳли оилаи бесарпарасти ӯ ба дӯши ин бачаи хурдсол афтодааст.

Мегӯянд, ки ӯ даставвал аробакашӣ, баъд ба воситаи ароба ба бурдану овардану хариду фурӯши чорво машғул шуда, қути лоямути аҳли хонаводаро таъмин мекардааст. Дар як вақт ҳам таҳсил дар мактабу ва ҳам имкон пайдо карда, бо меҳнати сахту миёншикан таъмини рӯзгори ду оиларо фароҳам овардан шояд ба ҳар кас, махсусан ба бачае, ки « аз даҳонаш ҳанӯз бӯйи шир меояд», муяссар нашавад.

Раҳмон Маҳмудов баъдан дар заводи нон даставвал ҳамчун коргари оддӣ, сонӣ ба сифати усто кор карда, моҳи майи соли 1941 ба хизмати аскарӣ даъват мешавад.

22 июни соли 1941 ҷанг сар шуд. Чуноне рӯзноманигори шинохта Ҳафиз Муродов дар китоби худ «Қаҳрамонони ҷанг ва меҳнат» (Душанбе, Ҷамъияти «Дониш», соли 1975) таҳти унвони «Марде аз Ботоғаго» дар бораи корномаҳои ҷангиву меҳнатии қаҳрамони мо менависад, Раҳмон Маҳмудов соли 1941 дар фронти Украина ҷангро аз озодкунии шаҳри Киев оғоз карда, сипас дар муҳорибаҳои назди Днепропетровск, Новомосковск, Павловград, Харков, Ворошиловград, вилояти Ленинград ва ғайра қаҳрамонона ҷангида, дар ин муддат ҳафт маротиба маҷрӯҳ мешавад.

Моҳи январи соли 1944 ҳангоми озод кардани шаҳри Верхне Капровои вилояти Ленинград сахт маҷрӯҳ шуда, аз ҳуш меравад. Чун ҳаво ниҳоят сард буд, ҷисми мадҳуши ӯ зуд ях мекунад. Ҳамяроқон ӯро «мурд»- гӯён гӯронидани мешаванд, тасодуфан санитаре дасташро дошта, дар он тапиши набзро ҳис мекунад…

16 феврали соли 1944 пас аз як моҳи ин воқеа дар бораи «фавт»- и Раҳмон Маҳмудов ба номи модараш Каромат Маҳмудова хати «сиёҳ» меояд ва дар он аз ҷумла чунин гуфта шудааст: «… ҷисми писари Шумо дар Верхне Капровои вилояти Ленинград дафн карда шуд…»

Акнун, бубинем, ки ин умри дубора, ки ба қаҳрамони мо ато гардид, минбаъд барои ӯ, барои шаҳри Истаравшан ва умуман Ватани мо чӣ дод?

Раҳмон Маҳмудов соли 1944 ҳамчун маъюб бо сари синаи пур аз ордену медал аз ҷанг баргашта, дар заводҳои консервабарорӣ ва нонпазӣ кор карда, бо ташаббускорӣ, серғайратию меҳнатдӯстӣ то ба директори заводи нон расид. Соли 1950 Раҳмон Маҳмудови ҳамагӣ 30 – соларо раиси раёсати колхози ба номи «Роҳи Ленин» таъин карданд.

Собиқадори меҳнат , вакили чандин даъватҳои Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон, вилояти Ленинобод ва шаҳри Ӯротеппа, собиқ раиси комиҷроияи шаҳри Ӯротеппа Роза Ҳакимова мегӯяд:

-Аввали солҳои 50-ум колхозҳои ба номи «Микоян», «Каганович» ва «70-солагии Сталин»-ро, ки хеле қафомонда буданд, муттаҳид ва раҳматӣ Раҳмон Маҳмудовро ба он раис таъин карданд. Раҳмон Маҳмудов он вақт хеле ҷавон, дар айни ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ, бисёр ҷасуру нотарс буд. Корро аз мустаҳкам кардани интизоми меҳнат сар карда, дар атрофи худ шахсони меҳнатдӯстро ҷамъ овард. Шабу рӯз симоб барин беқарор буд. Агар ӯро кобем, чашми рӯз накафида ё аз сари замини колхоз ё аз ферма ва ё аз боғоту токзор пайдо мекардем.

Он солҳо барои роҳбарон идорашинӣ расм набуд. Ҳар роҳбарро, қатъи назар аз ҷойи кору ҳаҷми кору миқдори коргаронаш, рӯзона танҳо аз саҳро ё истеҳсолот меёфтед. Қабули коргарон, гузаронидани маҷлису вохӯриҳо ва ҳалли мушкилот баъди соати 8-и бегоҳ дар идора сурат мегирифт. Ҳамин тавр то соатҳои 11-12-и шаб.

Дар тӯли ду-се соли аввали роҳбарии Раҳмон Маҳмудов колхози «Роҳи Ленин» пурра аз қарз халос хӯрда, ба яке аз хоҷагиҳои пешқадами шаҳр мубаддал шуд. Агар дар миқёси Тоҷикистон колхозе аз як гектар токзор 100 сентнерӣ ҳосил мегирифта бошад, бригадаҳои колхози «Роҳи Ленин»-и Маҳмудов аз ҳар гектар 400-500 сентнерӣ ангур мегирифтанд. Чунин нишондиҳандаҳо дар ҳама соҳаҳо: боғдорӣ, ангурпарварӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ давра ба давра афзоиш ёфта, колхоз дар андак фурсат ба колхози «миллионер» табдил ёфт.

Таърихи сохтмони кохи фарҳанг (ба истилоҳи онрӯза «Клуби колхози Роҳи Ленин») низ хеле аҷибу ибратангез аст. Онро метавон маҳсули меҳнати фидокоронаи мардум, натиҷаи ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, коллективизму дӯстии халқҳо номид.

Пас аз гирифтани иҷозати сохтмон аз комиҷроия ва идораҳои болоӣ Раҳмон Маҳмудов лоиҳаи биноро дарёфт карда, пас аз тасдиқи он дар Институти лоиҳакашии пойтахт ба сохтмони ин иншооти азим даст зад.

- Дар мавриди сохта шудани Қасри «Арбоб» раҳматии падарам нақл мекарданд, ки боре собиқ котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев баъди итмоми сохтмони Қасри Ӯрунхоҷаев меҳмони хонаи Ӯрунхоҷаев мешавад. Шодравон Ӯрунхоҷаев дар қатори дигар меҳмонон ба дидорбинии роҳбари якуми ҷумҳурӣ падари моро ҳам даъват мекунад. Дар ҳамон ҷо Т.Ӯлҷабоев бо падарам вохӯрда мегӯяд: «Мулло Абдураҳмон, колхози шумо ҳам дар бойигарӣ аз колхози Ӯрунхоҷаев монданӣ надорад. Шумо ҳам барои мардуматон ҳамин хел қаср созед, намешавад?» Баъди ҳамин гап падарам мегуфтанд: «Ориятам омад ва кори сохтмон оғоз шуд». Раҳматӣ падар мегуфтанд, ки ҳарчанд лоиҳаи бино аврупоӣ бошад ҳам, ҳунармандони зиёди чирадасти Истаравшан санъати миллии наҷҷориву гаҷкорӣ ва наққошии ориёиро дар он инъикос кардаанд, - мегӯяд писари калонии Раҳмон Маҳмудов Ҳамид Раҳмонов, ки худ мисли падар чандин сол дар корҳои роҳбарии ҳизбию давлатӣ саҳм гирифта, ҳоло ҳам барои ободии диёри хеш хизмат мекунад.

Муҳаммадӣ Сангинов, нафақагир, собиқ омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 13–и маҳаллаи Ясӣ, ки сарвари наҷҷорони ин иншоот падараш усто Сангин Қосимов буда, тамоми чӯбкориҳои Қасри номбурда натиҷаи дастони эъҷозкори ин устои чирадасти Истаравшан ва шогирдони ӯ будааст, чунин нақл мекунад:

- Аъзои колхози мо Маҳмудовро бисёр ҳурмат мекарданд. Аз ин рӯ, бо вуҷуди он ки он солҳо ҳанӯз техникаи пуриқтидори вуҷуд надошт, тамоми корро дастӣ иҷро карданд. Қаср дар давоми се-чор сол бунёд шуд.

Сохтмони Қасри мазкур соли 1961 анҷом ёфтааст.Он даставвал клуби колхози «Роҳи Ленин» буд, баъдан ба бинои идораи маориф ва чандин ташкилотҳои дигар табдил ёфт. Маҷлисгоҳи боҳашаматаш ҷойи намоиши кинову консерт, баргузории ҷамъомадҳои сиёсию фарҳангӣ буд. Боғи сердолу дарахт, пургулу ҳамешасабзи чор тарафи бино, ки масоҳати калонро дар бар мегирифт, гӯё ба ҳашамату шукӯҳи бино тавъам афтода буданд.

Ин биноро имрӯз агар гурӯҳи одамон «Қасри пионерон» ( дар вақташ маҳфилҳои хонаи пионерони шӯравӣ дар як каноти Қасри мазкур ҷой гирифта буданд) номанд, гурӯҳи дигар онро бо номи кӯҳнааш «Клуби Роҳи Ленин» мегӯянд. Вале пирони рӯзгордида ва мардони кор онро «Қасри Маҳмудов» меноманд.

Ба хотири бузургдошти ному кори ин марди фарзона соли 1996 яке аз Иҷлосияҳои Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Ӯротеппа номи ин Қасрро ба номи Раҳмон Маҳмудов номгузорӣ кард. Мутаассифона, дар ягон ҷойи Қасри мазкур номи ин марди бузург минбаъд навишта нашуд ва « ба болои сӯхта намакоб» 23 феврали соли 1998 ин бино оташ гирифт. Бому фаршу сақфҳо, дарвозаҳои кандакорӣ, тирезаҳои баланди зебо, нақши дастони даҳҳо устоҳои чирадаст: дуредгарону кошинкорон, наққошону гаҷкорҳо ба боди фано рафт.

Хушбахтона, ба шарофати ҷашни «2500-солагии Истаравшан» ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти роҳбарии раиси ҳамонвақтаи шаҳр Ҷумъа Зокиров бо роҳи ҳашар ва дастгирии моддии корхонаву ташкилот, муассисаву хоҷагиҳои шаҳр қасри сӯхта аз нав барқарор шуд.

Раҳмон Маҳмудов барои хизматҳои бузургаш дар колхози «Роҳи Ленин», ки онро зиёда аз 11 сол сарварӣ дошт, бо ордени «Ленин» ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шуда, депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати панҷум) интихоб шудааст.

Раҳмон Маҳмудов солҳои минбаъда дар вазифаҳои директори идораи маҳсулоттайёркунӣ, сардори шуъбаи совхози «Ленинобод»-и ноҳияи Зафаробод кор карда, аз моҳи январи соли 1966 то июли соли 1986, яъне то ба нафақа баромадан, сардори Идораи истеҳсолии байниноҳиявии «Водоканал»-и шаҳри Ӯротеппа буд. Дар давраи роҳбарии ӯ ин идораи хурдакаки тобеи КЖКП ба ташкилоти муқтадири байниноҳиявӣ табдил ёфта, тӯли бист соли сарварии ин марди кордон ҳамеша ғолиби мусобиқаҳо ва соҳиби Байрақи Сурхи сайёри КМ КПСС, ВЦСПС ва ВЛКСМ будааст.

Яке аз ҳамкорони собиқи Раҳмон Маҳмудов дар идораи «Водоканал» Муъмина Воҳидова, ки наздик ба бист сол сарварии шуъбаи кадрҳоро ба уҳда дошт, мегӯяд, ки «Аксари ҳамсинну солони Раҳмон Маҳмудов ӯро «Чанори соябони Истаравшан» меномиданд, зеро номбурда, ба ҷуз вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати 5-ум) будан, боз вакили Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Ӯротеппа ва вакили Шӯрои ноҳиявии Ӯротеппа интихоб шудааст.

Раҳмон Маҳмудов 19 ноябри соли 1996 аз дунё чашм пӯшид. Чуноне гуфтем, Комиҷроияи шаҳри Ӯротеппа ҳам худи ҳамон сол пас аз вафот хизматҳои шоёни Раҳмон Маҳмудовро ба ҳисоб гирифта, Қасри бунёдкардаашро ба номи ӯ номгузорӣ кард. Вале ин кор расмӣ нашуд ва ин қасрро касе имрӯз ба таври расмӣ «Қасри Маҳмудов» наменомад.

Ҳарчанд қасри номбурда соли 2002 таъмири куллӣ шуд, вале имрӯз рӯ ба харобӣ овардааст. Бомҳо мечаканд, зердеворҳо заҳ кашида, рангуборашон рехта, намуди «дупӯста» гирифтанд.

Дар бино асосан идораи маориф ҷой гирифтаасту аҷаб он аст, ки нигоҳубини онро ба раёсати фарҳанги шаҳр, ба ташкилоте, ки дар ҷайбаш «як пули сиёҳ» надорад, вобаста кардаанд.

Дар масъалаи Қарори Шӯрои Комиҷроияи депутатҳои халқи шаҳри Ӯротеппа оид ба номгузории қаср ба номи Маҳмудов банда ягон нусхаи онро дар ягон ҷой пайдо карда натавонистам, на дар бойгонии шаҳр ва на дар мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ.

Мақсад аз иншои ин мақола чист? Оё кори савоб намешавад, ки дар остонаи 20 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бино аз ҷониби вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан ба номи Раҳмон Маҳмудов номгузорӣ шавад.

Ғайр аз ин, дар даромадгоҳи Қасри мазкур нимпайкараи Раҳмон Маҳмудовро гузошта, дар як канори боғ осорхонаи ин бузургмардро таъсис диҳанд, то корномаҳои ин марди шариф барои имрӯзиёну фардоиён сабақ бошад.

Дар моддаи 40 – уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад».

Қасри шабеҳи Қасри «Арбоб» ҳам ёдгории таърихиву меъмористи. Оё намешавад, ки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба гурӯҳи ёдгориҳои таърихиву фарҳангии кишвар шомил сохта, барои тармиму нигоҳдошти он тадбирҳои мушаххас андешад, зеро ба назари мо, фаромӯш кардани хизматҳои шоиставу бузурги фарзандони фидокори Ватан ва беаҳамиятиву бемасъулиятӣ нисбат ба самараи заҳмати эшон гуноҳест нобахшиданӣ.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***


# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Музоядаи №22-ро оид ба фурӯши таҷҳизоти қаблан истифодашуда**
**30 ноябри соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Систерна барои кислотаи азотӣ | №23251 | 1986 | ҶСШК «Тамохуш-ЗГМИ», Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25600 |
| 2 | Систерна барои кислотаи азотӣ | №22116 | 1989 | ҶСШК «Тамохуш-ЗГМИ», Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20480 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**30 ноября 2012 года проводит аукцион №22 по продаже оборудования, ранее бывших в употреблении**

| п/н | Марка | Гос. номер | Год выпуска | Адрес | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Цистерна для азотной кислоты | №23251 | 1986 | АООТ «Тамохуш – ЗГМИ», Министерство энергетики и промышленности РТ | 25600 |
| 2 | Цистерна для азотной кислоты | №22116 | 1989 | АООТ «Тамохуш – ЗГМИ», Министерство энергетики и промышленности РТ | 20480 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87.**

Метод проведения: **английский.** Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ.

В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ФУРӮШИ ИНШООТҲОИ СОХТМОНАШОН НОТАМОМ ТЕНДЕР ЭЪЛОН МЕНАМОЯД**

**НОМГУЙИ**

**иншоотҳои сохтмонашон нотамоме, ки аз тариқи тендер ба фурӯш бароварда мешаванд**

| т/р | Номгуй ва маҳалли ҷойгиршавии иншооти сохтмонаш нотамом | Арзиши сметавӣ | Тайёрии иншоот бо фоиз | Нишондиҳандаи иншоот бо воҳиди мувофиқ | Арзиши баҳододашудаи иншооти сохтмонаш нотамом (бо сомонӣ) | Нархи ибтидоии иншооти сохтмонаш нотамом (бо сомонӣ) | Муҳлати баанҷомрасонии сохтмон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Коттеҷи КВД «Дафтари хизматрасонии биноҳои маъмурӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Исфара, кӯчаи Собитов 200 | 607 675 | 24,1 | 903,73 $м^2$ | 629 164 | 62917 | 18 моҳ |
| 2 | Заводи трансформатор дар майдони №2, воқеъ дар шаҳри Қӯрғонтеппа | 28 252 970 | 65 | - | 27 163 052 | 2 716 306 | 24 моҳ |

**Инҳо метавонанд иштирокчии тендер бошанд:**

- шахсони ҳуқуқие, ки дар фонди оинномавиашон ҳиссаи давлат аз 25 фоиз зиёд нест;
- шахсони воқеӣ;
- шахсони ҳуқуқию воқеии хориҷӣ.

**Ҳамчун иштирокчӣ барои ба қайд гирифтан ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кардан зарур аст:**

- дархост барои иштирок намудан дар тендер бе нишон додани номи иншооти сохтмонаш нотамом, ки уҳдадориҳои хаттии шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеиро барои бастани шартномаи хариду фурӯш бо шартҳое, ки дар эълони баргузории тендер муайян шудааст, дар бар мегирад;
- нусхаи асл ё нусхаи ҳуҷҷате, ки пардохти кафолатиро гувоҳӣ медиҳад;
- лифофаи сарбаста бо чор нусхаи барнома, ки дар он нархи хариди иншоот бо мавқеи ҷойгиршавии он пешниҳод мешавад.

Шахсони ҳуқуқӣ ба таври иловагӣ нусхаи шартномаи муассисӣ, оинннома ва шаҳодатномаи бақайдгирии шахси ҳуқуқиро, ки аз тариқи идораи нотариус тасдиқ шудааст, пешниҳод менамоянд.

**Шартҳои ҳатмии тендер инҳо мебошанд:**

- уҳдадории иштирокчӣ барои мавриди истифода қарор додани иншооти сохтмонаш нотамом;
- анҷоми тадбирҳои зарурӣ барои таъмини бехатарии экологӣ ва ҳифзи муҳити зист;
- анҷоми тадбирҳо барои ободонии гирду атрофи иншоот;
- ҳуқуқи моликият ба харидор баъди ба истифода додани иншоот ба расмият даровarда мешавад;
- дар ҳолати ғолиб донистани иштирокчӣ, дар давоми 3 моҳ бо ризоят (мувофиқагардонии нақша ва сметаи хароҷот) бо мақомоти маҳали ҷойгиршавии иншоот, сохтмони иншоот оғоз мешавад.

Нархи ибтидоии ҳар як иншооти сохтмонаш нотамом ба андозаи 10 фоиз аз арзиши баҳододашудаи иншоот муайян карда шудааст.

Муҳлати додани дархост барои иштирок дар тендер аз вақти чоп гардидани эълони мазкур муайян карда шуда, як соат пеш аз баргузор гаштани тендер, яъне соати $9^{00}$, 21 ноябри соли 2012 ба охир мерасад.

Маблағи кафолатӣ баробар ба 100 -каратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба суратҳисоби зерини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад:

- бо сомонӣ: Сарраёсатии хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, РМА 010010058, Суратҳисоб №20204972561010100004, АМБ 350101800, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пардохти кафолатӣ ба нархи иншоот дохил мешавад.

Ғолиби тендер ба суратҳисоби фурӯшанда боҷи комиссионӣ дар ҳаҷми 5 фоиз ва боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 0,5 фоиз месупорад, ки онҳо ба нархи фурӯши иншоот дохил намешаванд.

**Маълумоти иловагиро дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, утоқи 14 гирифтан мумкин аст, телефонҳо: 221-84-87, 221-81-82.**

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОМИТЕТ ПО ИНВЕСТИЦИИ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ОБЪЯВЛЯЕТ ТЕНДЕР ПО ПРОДАЖЕ ОБЪЕКТОВ НЕЗАВЕРШЕННОГО СТРОИТЕЛЬСТВА**

**ПЕРЕЧЕНЬ**

**объектов незавершенного строительства, реализуемых на тендере**

| п/н | Наименование и местонахождение объекта незавершенного строительства | Сметная стоимость | Готовность объекта в % | Показатель объекта в соответствующих единицах | Оценочная стоимость объекта незавершенного строительства (в сомони) | Стартовая цена объекта незавершенного строительства (в сомони) | Предлагаемый срок строительства |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Коттедж ГУП «Конторы по обслуживанию административных зданий» Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, находящийся в городе Исфара, улица Собитова 200 | 607 675 | 24,1 | 903,73 $м^2$ | 629 164 | 62917 | 18 месяцев |
| 2 | Трансформаторный завод на площадке №2, находящийся в городе Курган-тюбе | 28 252 970 | 65 | - | 27 163 052 | 2 716 306 | 24 месяцев |

**Участниками тендера могут быть:**

- юридические лица, в уставном фонде которых доля государства не превышает 25 %;
- физические лица;
- иностранные юридические и физические лица.

**Для регистрации в качестве участника тендера необходимо представить:**

- заявки на участие в тендере без указания названия объекта незавершенного строительства, которые включают в себя письменное обязательство юридического или физического лица на заключения договора купли-продажи объекта на определенных условиях, опубликованных в информационном сообщении о проведении тендера;
- подлинник или копию платёжного документа подтверждающего внесение гарантийного взноса;
- запечатанный конверт с 4 копиями программ, где отражаются предложения и цена покупки объекта незавершенного строительства по его местонахождению.

Юридические лицо дополнительно представляет нотариально заверенные копии учредительного договора, устава и свидетельство о регистрации юридического лица.

**Обязательными условиями тендера являются:**

- обязательство участника по вводу в эксплуатацию незавершенного строительством объекта;
- проведение необходимых мероприятий по экологической безопасности и защиты окружающей среды;
- меры по благоустройству прилегающей к объекту территории;
- право собственности переходит покупателю после ввода объекта в эксплуатацию;
- приступить к строительству незавершенного объекта в течение 3- х месяцев, по согласованию с местным хукуматами по месту расположения объекта (схема и смета затрат), в случае признания участника победителем тендера.

Стартовая цена каждого объекта незавершенного строительства установлена в размере равном 10% от оценочной стоимости объекта.

Прием заявок на участия в тендере производится со дня публикации данного информационного сообщения и заканчивается за час до проведения тендера, т.е. в $9^{00}$ часов 21 ноября 2012 года.

Гарантийный взнос в размере 100 кратной показателя для расчётов вносится на нижеследующий счёт Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан:

- в сомони: Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, ИНН 010010058, Расчётный счёт №20204972561010100004, МФО 350101800, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. Гарантийный взнос засчитывается в стоимость цены продажи.

Победитель тендера вносит в счёт Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и госпошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не входит в цену продажи объекта.

**Дополнительную информацию вы можете получить в Государственном комитете по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан по адресу: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемура 27, кабинет 14, телефон: 221-84-87, 221-81-82.**

# БУНЁДИ МИЛЛИИ ИҶТИМОИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН (БМИМТ) ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК КАРДАН ДАР САВДО-ОЗМУН

Санаи даъват: 1 ноябри соли 2012
№ Шартнома: **KFW II-39**
№ Грант: BMZ №2005 66 315

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки Олмонии Рушд дар доираи Барномаи KFW (Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ) Гранти BMZ №2005 66 315 гирифт. Дар назар аст, ки як қисми маблағҳои ин грант дар доираи шартномаи KFW II-39 ҷиҳати пардохт барои татбиқи лоиҳаи ҷамоавии:

***KFW II-39 «Сохтмони бинои таълимии дуошёнаи 8 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №41, деҳаи Чоргул, Ҷамоати Зафар, ноҳияи Фархор»*** сарф шавад.

2. Супоришдиҳандаҳо – ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №41, деҳаи Чоргул, Ҷамоати Зафар, ноҳияи Фархор*** ва маблағгузор – Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ***ташкилотҳои сохтмонии аз интихоби пешакӣ гузаштаро*** даъват менамоянд, ки пешниҳодоти озмунии пӯшидаро барои иштирок намудан дар озмуни интихобӣ ҷиҳати иҷрои лоиҳаи KFW II-39 манзур намоянд.

Иштирокчиёни савдо-озмун бояд Иҷозатномаи ҳуқуқи иҷрои корҳои сохтмонӣ –васлкуниро дошта бошанд.

3. Ҳуҷҷатҳои савдо-озмун ва нусхаҳои иловагии онро бо пардохти бебозгашт, ба маблағи 300 (сесад) сомонӣ барои ҳар як бастаи ҳуҷҷатҳо, аз суроғаҳои зерин дастрас кардан мумкин аст:

***Дафтари минтақавии БМИМТ, ш.Кӯлоб, кӯч.Н.Ҳувайдуллоев 9/14.***

Маълумоти иловагиро низ аз ҳамин суроға дастрас кардан мумкин аст.

4. Конфронси пешазозмунӣ барои лоиҳаи ***KFW II-39 15-уми ноябри соли 2012, соати $11^{00}$, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №41, деҳаи Чоргул, Ҷамоати Зафар, ноҳияи Фархор*** баргузор мегардад.

5. Пешниҳодҳо бояд аз рӯйи қолаби стандартӣ, дар бастаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ***на дертар аз соати $14^{00}$ рӯзи 30-юми ноябри соли 2012*** ба суроғаи зайл пешниҳод шаванд: ***ш.Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ошёнаи 2, утоқи 22 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*** ки он ҷо дар ҳузури иштирокчиёни озмун ва намояндагони ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактаб*** аз тарафи комиссияи тендерии ***Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** кушода мешаванд.

6. Пешниҳодҳои озмунӣ пас аз кушодан, муддати 45 рӯз эътибор доранд ва бояд аз рӯйи қолаби стандартии «Замонати бонкӣ барои пешниҳодҳои озмунӣ» ба андозаи на кам аз 75 ҳазор сомонӣ замонати бонкӣ дошта бошанд.

Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:
дар шаҳри Душанбе: **(8-992-37) 221-31-08, 221-68-44,**
дар шаҳри Кӯлоб: **(8-3322) 2-66-66.**
e-mail: spap@nsift.tojikiston.com; http://www.nsift.tojikiston. com/

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30 ноябри соли 2012 музоядаи №27-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

| т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Дегхонаи маҳаллаи №13-уми Корхонаи фаръии шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Хуҷанд, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | шаҳри Хуҷанд | 1000000 |
| 2 | Бино ва иншооти базаи Семиганч, КВ «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Зайнаббибӣ | 350347 |
| 3 | Бинои ҳаммоми ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 210000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**30 ноября 2012 года проводит аукцион №27 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Котельная в махале №13, Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | город Худжанд | 1000000 |
| 2 | Здание и сооружения базы Семиганч, УП «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир» | город Вахдат, улица Зайнаббиби | 350347 |
| 3 | Здание сауны ЗАО «Паррандапарварии Шахринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 210000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе. Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| №ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3042/1-1429 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-95<br>Л-62 | литр<br>литр | 4900<br>4900 | 9.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3043/1-1430 | Пажӯҳишгоҳи илмии тадқиқотии тибби профилактикии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 10 | 9.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3044/1-1431 | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Либосҳои соҳавии роҳбарият ва дастгоҳи марказӣ<br>Либосҳои соҳавии кормандони хоҷагии ҷангал | ҷуфт<br>ҷуфт | 15<br>90 | 9.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3049/1-1432 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сару либоси низомӣ | номгуй | 15 | 9.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3050/1-1433 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Чарххои резинии 17,5х25<br>Чарххои резинии 13х24 | маҷмуъ<br>маҷмуъ | 10<br>5 | 9.11.2012 соати $11^{00}$ |
| 3051/1-1434 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ | литр | 60000 | 9.11.2012 соати $11^{30}$ |
| 3052/1-1435 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Булдозери Т-140-1<br>Боркунак (погрузчик) ҳаҷмаш 3м³ | адад<br>адад | 1<br>2 | 9.11.2012 соати $14^{00}$ |
| 3053/1-1436 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 7 | 5.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3054/1-1437 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизоти оташнишонӣ-техникӣ | номгуй | 27 | 5.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3045/2-844 | Маркази тиббии шаҳрии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Коагулометри нимавтоматӣ СА-50<br>Гастрофиброскоп Gif-E | адад<br>адад | 1<br>1 | 20.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3046/2-842 | Маркази тиббии шаҳрии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Аппарати УЗИ-Sohoscape A6 | адад | 1 | 9.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3047/2-843 | Маркази тиббии шаҳрии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгуй | 4 | 9.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3048/3-719 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 9.11.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иштирок дар озмуни таҳти №2968/3-705, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 22 октябри соли 2012 таҳти №131 (2958) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 12 ноябри соли 2012, 1 ноябри соли 2012 хонда шавад.


## «ПОПУЛИН» АЗ КИРМҲО ХАЛОС МЕШАВЕМ!

«Популин» дар асоси шираи сиёҳбед, ки ҳамчун воситаи зидди кирмҳо, зидди илтиҳоб ва ҳифз аз гепатит машҳур аст, омода гаштааст:

-барои нест кардани тамоми намудҳои кирми дар вуҷуди инсонбуда истифода мешавад;

-барои боз ҳам афзудани таъсири дору баъди ҳар се рӯзи истифода «Популин»-ро бо об омехта, клизма кардан зарур аст;



-ба ҷисми инсон зарар намерасонад ва бе тавсияи духтур истифода бурданаш мумкин аст, ҳатто ба ҳамаи нафарони солим бо мақсади пешгирӣ намудани пайдошавии кирм тавсия дода мешавад;

-таъсирбахш аст, ҳар шахси истифодабурда беҳбудӣ ва фоидаашро зуд ҳис мекунад.

Тартиби истеъмол: ба кӯдакони аз 3 то 7 –сола – 1/3-қошуқчагӣ, аз 7 то 12 –сола – 2/3- қошуқчагӣ, аз 12- сола боло дар як рӯз ду бор 1-қошуқчагӣ, 30-40 дақиқа баъди хӯрок истеъмол кардан лозим аст.

Истеҳсолкунанда – ООО «Биолит» Федератсияи Россия. Тел: ш.Душанбе **918-47-93-93**, дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: **988-80-88-85**.

Рақами қайд №000677. Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед.



## «ФЛАВИГРАН-ОЧАНКА»

Дурдоначаҳои рангашон ҷигарии бо бӯйи хуш ва маззаи ширини бо туршӣ омехта.

«Флавигран-очанка» маҳсулоти дар ҳар синну сол фоидаовар буда, таъсири баръалои мутобиқсозанда ба шароити муҳит, инчунин зиддиоксидантӣ дорад, норасоии оксигенро бартараф ва рагҳоро устувор мекунад.

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДА:**
•осебёбӣ ва илтиҳоби ғӯзаи чашм;
•илтиҳоби пилки чашм;
•захми қарнияи чашм;
•катаракта; *глаукома;




•гузаштани хун ба шабакияи чашм;
•ҷудошавии шабакияи чашм;
•миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), сарфи назар ба дараҷааш;
•ҳангоми кори бошиддати тӯлонии чашмон ва кор бо оргтехника (хонандаҳо, истифодабарандагони компютерҳою телефонҳои мобилӣ ва ғ.);
•халалёбии гардиши хун дар майнаи сар, аз ҷумла инсултҳо, ҳангоми дардҳои сар, ки бо норасоии оксиген ва вайроншавии ғизогирии майнаи сар алоқаманданд, дар сурати дучоршавӣ ба гуруснагии оксигенӣ (хоси ғаввосон, кӯҳнавардон, шахтёрҳо, сарнишинони ҳавопаймоҳо, донишҷӯён дар давраи сессия мебошад);
•барои мустаҳкам кардани рагҳо ва беҳ сохтани биноии чашмони беморони қанд;
•шахсоне, ки бо бемориҳои қанд гирифторанд, аз «Флавигран-на сорбите» метавонанд истифода баранд.

•**Таркиб:** ҷавҳари буттамеваҳои черника, ангат, хуч, алафи марҷумак, шарбати лиму, сабзӣ ва ғайра.

**ТАРЗИ ИСТИФОДА:** 2 г. (1 қошуқча) дурдоначаҳоро дар 100 мл об ҳал карда, рӯзе се маротиба дар давоми 3-4 ҳафта истеъмол кунед. 2-3 маротиба дар як сол такрор намоед, то пурра шифо ёфтани чашмонатон. Тамоман безарар аст.

Шакли истеҳсол. Дурдоначаҳо дар бордони пластмассӣ, 120 г.

Маҳсулотро аз дорухонаи «Гарант»-и рӯ ба рӯйи бозори «Саховат» дастрас намоед. Бо телефони **918-47-93-93** муроҷиат кунед.

Тел: дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он **927-49-33-47**.






**ПАРДОХТИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ БОЗ ҲАМ ДАСТРАСТАР ШУД!**

**Ба Шумо хабар медиҳем, ки хизматрасонии «Пардохти алоқаи мобилӣ» барои мизоҷони «МегаФон-Тоҷикистон» ва «Tcell» акнун барои мизоҷони ширкати «Вавилон-Мобайл» низ дастрас шуд ва онҳо низ метавонанд ҳисобҳои худро ба воситаи кортҳои пластикии ҶСК «Агроинвестбонк» тавассути банкоматҳои бонк, низоми «Интернет-бонкинг» ва «Бонкинги мобилӣ» бидуни комиссия пур намоянд.**

**Шумо метавонед дар банкоматҳои бонки мо амалиёти «Пардохти алоқаи мобилӣ»-ро интихоб намуда, дар низоми вақти ҷорӣ ҳаққи хизматрасониҳои алоқаи мобилии ширкатҳои «МегаФон-Тоҷикистон», «Tcell» ва «Вавилон-Мобайл»-ро пардохт намоед.**

**Тавассути хизматрасониҳои «Интернет-бонкинг» Шумо метавонед пардохтҳои худро дар низоми автоматӣ ба нақша гиред. Дар ин ҳолат, тавозуни телефони мобилии Шумо дар сана ва вақти нишондодаи Шумо ба таври автоматӣ пур карда мешавад!**

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ : (44) 600-68-68
ВА Ё ДАР СОМОНАИ МО: WWW.AGROINVESTBANK.TJ


## ДАРАК ДИҲЕД!

Дар Суди ноҳияи Рӯдакӣ парвандаи оилавӣ аз рӯйи аризаи Султанова Муборак Муҳамадиевна оиди фавтида эълон намудани шаҳрванд Давлатяров Бахром Давронович, санаи таваллудаш 19 июли соли 1970, мавриди баррасӣ қарор дорад.

Ҳамаи ташкилотҳо ва шаҳрвандоне, ки дар куҷо будани шахси номбурдаро медонанд, дар ин бора ба Суди ноҳияи Рӯдакӣ то 30 ноябри соли 2012 хабар диҳанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми А №256585-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти асосии №98-и ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино) соли 1995 ба Юнусова Наргиз додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли № 018395-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №13-и ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) соли 1987 ба Одинаев Идибег Алиевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008180 бо РЯМ 0630001671-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 22 апрели соли 2010 ба Фатҳуддинов Раҳматулло додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии Б №05064-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2004 ба Ниматов Муҳсиддин Асрорович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-ШТА №0669317-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Ҳисор соли 2010 ба Наимов Беҳрӯз Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №19074-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ваҳдат соли 2011 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, хоҷагии ба номи Ҳ. Азим, деҳаи Чинор ба Раҷабов Раҳмон Бобоевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0053144 бо РЯМ 3430006599-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон 17 апрели соли 2010 ба Юнусов Ҳасаналӣ додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон 4 феврали соли 2010 ба Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии фермерии «Холмумин» додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

➢ЧДММ «Восток-АСХТТ», дорои РМА 050003341, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 75, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Намояндагии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Силовые машины-3 ТЛ, ЛМЗ, Электросила Электромашэкспорт» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Интернатсионалная, бинои 8/4, бо РЯМ 0220000587 барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ бо телефони 935-79-05-79 қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Пӯлодова Гулсара Холовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0097023 бо РЯМ 1530005941 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 10 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Абдулҳаев Ҳадиятулло Ҳабибович, ки соҳиби Патенти фаъолияти соҳибкории №022848442 бо РЯМ 0330187605 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 23 августи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Кормандони АМИТ «Ховар» ба корманди агентӣ Узро Раҳимзода бинобар даргузашти

**ХОҲАРАШ**

ҳамдардӣ изҳор менамоянд ва аз даргоҳи Худованд барояш сабри ҷамил хоҳонанд.


Садои мардум — Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волонияти қонун

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 30 октябри соли 2012, соати 17.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23658 нусха

Навбатдорони шумора А. Мӯсоев ва Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова